**Юнуси ИМОМНАЗАР**

# *АЗ ГУЛГАШТИ МУСАЛЛО*<br>*ТО НАҚШИ ҶАҲОН*

**(Сафарнома: Тошканд, “Ӯзбекистон”, 2008)**



| | |
|---|---|
| **Масъули нашр:** | *Абдулло Субҳон* |
| **Муҳаррир:** | *Зебунисои Тоҳириён* |
| **Мусаҳҳеҳ:** | *Саодат Бекназарова* |
| **Муҳаррири техникӣ:** | *Татяна Харитонова* |
| **Сафҳаоро:** | *Некрӯз Абдуллозода* |



Юнуси Имомназар бештар тавассути мақола, ҳикоя ва қиссаҳои худ, ки дар матбуоти даврӣ ба чоп расидаанд, ба хонандагон ошно аст. Ба ин восита ӯ нахустин бор навиштаҳои худро ба шакли китоб аз тариқи нашриёти давлатӣ ба чоп мерасонад. Дар он муаллиф ёддоштҳои худро аз сафари кӯтоҳмуддати анҷомдодааш ба кишвари Эрон баён доштааст. Хонандагони арҷманд аз навиштаҳо ва аксҳои китобчаи мазкур то ҷое бо баъзе манзилу маконҳои диданӣ ва таърихии кишвари форсҳо ошно хоҳанд шуд.


**مؤلف:** یونس امامنظر

**نام کتاب:** از گلگشت مصلی تا نقش جهان

**مؤسسه انتشارات:** «ازبکستان»

**سال نشر:** 2008، تاشکند


این کتاب عبارت از نگاشته های یونس امامنظر راجع به شهر های باستانی شیراز و اصفهان و تهران بوده و پس از سفر کوتاه مدت انجام داده ایشان به کشور ایران تهیه شده و به چاپ رسیده است. امید است داستان های کوتاه همراه با عکس های جالب مورد پسند و قبول خوانندگان و هر آن کسی که میل جهانگردی دارد قرار بگیرند.



Print to PDF without this message by purchasing novaPDF (http://www.novapdf.com/)

# САРСУХАН

Ҳанӯз дар овони наврасӣ, вақте ки шогирди мактаб будам, орзуи дидану тамошо кардани шаҳрҳову маҳалҳои қадима ва дидании сарзамини Эронро дар дил мепарваридам. Он замон суроби орзуҳоям гӯё дар уфуқҳои дуродур ноаён ва дастнорас буд. Бо вуҷуди ин, тахайюлоти худро бо тобишҳои дилангез оро медодам ва гоҳ-гоҳе низ иншоҳои шогирдонае дар ин мавзӯъ эҷод менамудам.

Он вобастагӣ ва таҳрику эътимоди устодон ва ба хусус, пуштибонии падари бузургворам буд, ки пас аз хатми мактаби миёна ба бахши форсии факултаи Забонҳои шарқи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дохил шудам. Пас аз хатми донишгоҳ ба муддати ҳафт сол чун омӯзгори забону адабиёти тоҷику форс ва дар тӯли чор сол ба унвони муҳаррир ва мутарҷими бахшҳои тоҷикиву эронии Ширкати давлатии радио ва телевизиони Ӯзбекистон кору фаъолият доштам. Аз он ба баъд дар ширкати эронии “Шимбор”, ки дар саросари Ӯзбекистон бар асоси мунокисаҳои байналмилалӣ дар соҳаи обрасонӣ фаъолият дорад, вазифаи мутарҷимиро ба ӯҳда дорам.

Баҳори соли 2008, ки мутобиқ бо соли 1387 хуршедӣ аст, тавонистам ҳама ташвишҳои рӯзгорро канор гузошта, сафари кӯтоҳмуддате ба кишвари Эрон анҷом диҳам. Дар ин диёри ҳамсояву ҳамзабон, то ҷое ки имконият доштам, шаҳри босафои Шерозу атрофи он ва Исфаҳони қашангу зеборо, ки бо номи “нисфи ҷаҳон” шӯҳрат дорад, тамошо кардам ва бо як чашмандозӣ ба Теҳрони азим, ба ватан баргаштам. Дар ин сафарномаи худ фушурдаи ёддоштҳоямро дар бораи шаҳрҳои Шероз ва Исфаҳон, ҷойҳои диданию тамошобоб ва ёдгориҳои бостонию фарҳангӣ ва таърихии ин ду шаҳри қадима овардаам. Ёддоштҳоям фақат дар хусуси макону маҳалҳоест, ки бевосита худам рафтааму дидаам. Ҳамчунин барои истидлоли гуфтаҳои хеш арқому асомӣ ва вақоеи таърихиро овардаам, ки аксаран аз китобҳои роҳнамои нуқоти диданӣ ва бостонӣ, минҷумла, “Шероз, ёдгори гузаштагон”, ки мансуб ба қалами нависанда Муҳаммад Карими Хурмоӣ аст ва китоби “Исфаҳон, ин ҳама ҳаст, ин ҳама нест”, ки нигоштаҳои нависанда Мансури Қосимиро фаро мегирад, иқтибос шудаанд.

Ҳамчунин дар поёни сафарномаам ишорае ба китобсаройи бузурги Теҳрон кардаам ва дар хусуси мулоқотам бо Ситорабонуи тоҷикдухтар – духтари устод Раҳими Мусулмониён ва мухтасаран роҷеъ ба китоби “Оинаи Қубодиён”-и устод Мусулмониён, ки дар Теҳрон ба чоп расидааст, фикрҳои худро баён доштаам.

Умед аст, нигоштаҳои камина мавриди писанди алоқамандони арҷманд қарор бигиранд ва ҳар як хонанда бо бузургии худ каму костиҳоеро, ки бешубҳа, пеш хоҳанд омад, нодида мегирад.

***Муаллиф***



Print to PDF without this message by purchasing novaPDF (http://www.novapdf.com/)

# ШЕРОЗ

Шероз маркази устони Форс аст. Ин шаҳри зебоманзар ва ҳамешасабз ҳамроҳ бо кӯҳсору табиати мусаффояш аз қадимулайём манзилгаҳи қавму нажоди мухталиф буда, солҳову қарнҳо дар синаи худ осори бостонии арзишмандеро ҷой додааст. Имрӯз аҳли Шероз бо эҳсоси ғурур ва сарбаландӣ ифтихор доранд, ки дар ин хиттаи аҳуроӣ ҳанӯз нағмаи ғазалсароии Ҳофиз, оҳанги ҳикматҳои Саъдӣ, каломи ирфонии Садрои Шерозӣ ва Хоҷуи Кирмонӣ, садои муноҷотҳои ҳазрати Шоҳчароғ taнинандоз аст.

Дар асл, Шероз пойтахти фарҳангии Эрони бузург буда, дар домони худ орифону уламо, шоирону удабо, ҳунармандону устоҳои чирадастро парварондааст ва дар тӯли солиён мусофирони бешумор дар сафарномаҳои худ ба қадимату бузургии он, ба зебоӣ ва ба табиати дилкашу хушобу ҳавояш ишораҳо кардаанд. Чунончи, ба ин маънӣ дар даромадгоҳи шаҳр, пас аз Дарвозаи Қуръон, як лавҳе бо байти зерини Хоҷа Ҳофиз диққати аз роҳ расидагонро ҷалб мекунад:

*Шерозу оби рукниву ин боди хушнасим,*
*Айбаш макун, ки холи рухи ҳафт кишвар аст.*

Шероз шаҳрест, ки атрофи онро риштакӯҳҳо иҳота кардаанд. Тавре ки дар китоби “Шероз, ёдгори гузаштагон” бо нигориши Муҳаммад Карими Хурмоӣ омадааст, “доманаҳои кӯҳии Чиҳилмақом, Раҳмат, Бобокӯҳӣ, Баму бо тангҳои (дараҳои) Хон, Саъдӣ, Оллоҳу акбар, Мансуробод аз ҳам ҷудо мешаванд. Дар байни онҳо кӯҳи Дарок ба шакли аҷибе худнамоӣ мекунад, ки гӯё шахсе ба пушт, бо шиками барҷаста хобида бошад. Кӯҳи Баму сарчашмаи обу қанотҳо (ҷӯйбори зерзаминӣ), аз ҷумла, Рукнободу Зангӣ аст ва дар атрофи он ҷонварони ваҳшӣ, чун оҳу, меш, қуч, позан ва хеле кам паланг, кафтор, гург, рӯбоҳ, шағол зиндагӣ мекунанд. Навоҳии атрофи ин кӯҳ ҳоло таҳти ҳифозати муҳити зист қарор дорад. Дар дашти Шероз рӯдхонаҳои Хушк (Баҳора) ва Қаробоғ ҷараён доранд ва ҳар ду оби худро ба кӯли Маҳорлу мерезанд...”.

Бояд гуфт, ки номи Шероз дар китобу ҳуҷҷатҳои таърихӣ бо исмҳои мухталиф, аз ҷумла, “Серочис”, “Терозис”, “Серосис”, “Шерозис” ёд мешавад. Шероз дар қадим (дар замони Эйломиҳо) қалъае будааст, ки маҳали он қасри Абӯнасри имрӯз аст. Бино ба ривоятҳои расида, Шероз – фарзанди Таҳмурас (аз силсилаи подшоҳони Пешдодиён) ин шаҳрро таъсис кардааст ва аз ин рӯ, баромади номи шаҳр аз исми ӯст. Тибқи нақлҳои дигар, ин диёр “шаҳри роз” буда, ки ба ихтисор “шероз” хондаанд. Ҳамчунин, ба ақидаи баъзе муҳаққиқон, “шероз” ба маънои “маркази ангури хуб” мебошад. Бино ба навиштаи китоби “Сурат-ул-ақолим” бошад, аз сабаби мавҷуд будани чорвои бисёр дар дашти Шероз, он ҷоро “шир-соз” номидаанд. Илова бар ин, дар гузашта вожаи “шероз” ба маънои “шеби (нишеби) баланд” низ омадааст.

Аҳли Шероз ҳар сол 15-уми моҳи урдибиҳиштро (5-уми май) ҳамчун “Рӯзи Шероз” ба таври васеъ ҷашн мегиранд. Ҷолиб аст, ки маҳз ҳамин моҳ бо бузургдошти шоир ва сухансарои беҳамтои Эронзамин – Шайх Саъдӣ оғоз мешавад ва таҷлили зодрӯзи шоири тавоно ва рӯзи пойтахти фарҳангӣ ҳамроҳ бо таровати баҳорона ба мардум файзу шодмонии беҳад ато мекунад.

Шероз бештар аз як миллиону чорсад ҳазор нафар ҷамъият дорад ва агар гирду атрофаш ҳисоб шавад ин миқдор аз як миллиону ҳафтсад ҳазор мегузарад. Масоҳати шаҳр дусаду чил километри мураббаъ аст. Он бо дигар шаҳрҳои Эрон аз тариқи роҳҳои заминӣ ва ҳавоӣ ба таври маҳкам ва ҳамаҷониба пайваст мебошад. Ба хусус, фурудгоҳи байналмилалии Шероз хеле бузург аст ва аз он парвозҳо ба шаҳрҳои дохили Эрон ва кишварҳои воқеъбуда дар ҳошияи ҷанубии халиҷи Форс ба амал меоянд.

Шероз низ марказҳои илмиву омӯзишӣ дорад. Яке аз қадимтарин биноҳои фарҳангӣ дар ин ҷо Донишгоҳи Шероз аст, ки дорои донишкадаҳои адабиёт ва забон,



Print to PDF without this message by purchasing novaPDF (http://www.novapdf.com/)

улуми пизишкӣ, фаннӣ-муҳандисӣ, кишоварзӣ мебошад. Ҳамчунин дар ин шаҳр Донишгоҳи озоди Исломӣ, Донишгоҳи Абӯрайҳон, Донишгоҳи Таботабоӣ фаъолият доранд.

Шероз яке аз шаҳрҳои саноатии Эрон ба шумор меравад. Дар он муҷтамеи петрушимӣ (масолеҳи нефту химия), полойишгоҳи нафти Шероз, корхонаи маводи химиявӣ ва электроника, марказҳои бастабандӣ фаъолият доранд. Гузашта аз ин, маҳсулоти умдае, ки шерозиҳо таҳия мекунанд, равған, себ, пашму пӯст, катиро, лаблабу, гандум, пахта, ҷав, тамоку мебошад. Хотамкорӣ, нуқракорӣ, қолибофӣ аз маъруфтарин анвои ҳунарҳои дастии онҳост. Арақиёт (усора ва атриёт) ва шарбатҳои асили Шероз чун беҳтарин савғотӣ хонда шудаанд. Минҷумла, усорае, ки аз баҳорноранҷ, настаран, бедмушк, торуна, наъно, чилгиёҳ, коснӣ, шотира ба даст меояд ва шарбате, ки аз беҳлиму, норанҷ, апелсин, олболу, говзабон омода мешавад.

Ҷойи зикр аст, ки инҷониб нисбат ба дигар шаҳрҳои Эрон ба шаҳри Шероз эътиқоду алоқаи бештар дорам. Аз ин рӯ, сафари худро бевосита аз ин диёр оғоз намудам. Тайи ду рӯз маро се нафар дӯсти тоҷики афғонистониам – Ҳабибу Баширу Азиз ҳамроҳӣ намуданд. Агарчи вақти расидан ба Шероз, бо амри тасодуф бо онҳо ошноӣ пайдо намудам, вале бе ҳеҷ гуна дудилагӣ ва хавотир бо якдигар унс гирифтем ва дар тӯли ду рӯзи тамошои Шероз ва нуқоти дидании он ба дӯстиву бародарӣ поя гузоштем. Онҳо дар вилояти Тахори Афғонистон бузург шудаанд, вале аслашон аз Кӯлоби Тоҷикистон будааст. Вақте ки русҳо Бухороро тасхир мекунанд, пушти сари ҳам маҳдудаҳои дигари аморати Бухоро низ ба дасти онҳо мегузарад. Чун бобокалонҳои дӯстони афғонистониам заминдору сарватманд будаанд, ҳама будушуди худро партофта фирор мекунанд. Ҷолиб ин аст, ки он замон қисме аз одамонашон дар маҳдудаи Тоҷикистон мондаанд. Ҳабибу Башир ҳам як моҳ пештар аз сафари камина ба Тоҷикистон рафтаанд ва бо оилаҳои гузаштагони худ мулоқот кардаанд...

Ду рӯзи сайру гардиш дар Шерози хушбоду ҳаво ва ҳаволии Марвдашт бароям хеле хушу бофайз гузашт ва сари ҳар қадам ин байти Хоҷа Ҳофизро зери лаб замзама мекардам:

*Хушо, Шерозу вазъи бемисолаш,*
*Худовандо, нигаҳ дор аз заволаш!*






Print to PDF without this message by purchasing novaPDF (http://www.novapdf.com/)

## Дарвозаи Қуръон



Ҳангоми ворид шудан ба шаҳри Шероз аввалин ёдгорие, ки ба чашм мехӯрад, Дарвозаи Қуръон аст. Тавре ки нақл мекунанд, ин дарвоза дар замони ҳукмронии Абушуҷоъ Азудуддавлаи Дайламӣ (977 – 982) дар наздикии танги Оллоҳу акбар, дар миёни кӯҳҳои Бобокӯҳӣ ва Чиҳилмақом бунёд шудааст. Дарвоза он замон зинадор буда, шакли оромгоҳи Куруши Кабирро доштааст. Бо дастури амир ва бо эътиқод бар ин, ки корвонҳо ва мусофирон бо баракати гузаштан аз зери он ба саломат сафарҳои худро анҷом диҳанд, дар болои он Қуръони бузургеро қарор додаанд ва ба ин сабаб бо номи "Дарвозаи Қуръон" машҳур шудааст.

Дарвоза дар замони салтанати Зандия ва Қочория ба тavри куллӣ таъмиру бозсозӣ мегардад. То соли 1986 аз он барои рафтуомад истифода намудаанд. Ҳамон сол, бо таваҷҷӯҳ ба афзоиши рӯзафзуни васоили нақлиёт ва танг будани даҳанаи дарвоза, хиёбони васее дар канори он сохта мешавад ва аз он ба баъд Дарвозаи Қуръон дар даромадгоҳи Шероз ба унвони як рамзи зебои шаҳр боқӣ мемонад. Ҳоло мардуми маҳаллӣ ба ин макон эҳтироми хос доранд ва гоҳ-гоҳ истироҳату тафриҳоти худро дар он ҷо мегузаронанд.

Мо дар музейи Порси Шероз "Қуръон"-и бузургеро дидем, ки бино ба таърифи маъмури музей, он охирин Қуръони ҳафдаҳманий болои Дарвозаи Қуръон будааст. Ин китоб бо хати сулс ва ба дасти хушнавис Султон Иброҳим навишта шудааст.

## Арки Каримхон



Арки Каримхон дар маркази шаҳри Шероз воқеъ аст. Он қалъаи чаҳоргӯшаест, ки чор бурҷи мудаввар ва деворҳои оҷурӣ бо нақшу нигорҳои содаву зебо дорад. Намои ин сохтмон шабеҳи биноҳои қадимаи Хева аст. Ба қалъа аз дари чӯбини бузурге ворид мешаванд. Дар болои дар наққошие бо кошии ҳафтранг, ки саҳнаи кушта шудани Деви Сафед ба дасти Рустами паҳлавон аст, ба назар мерасад.

Ин Арк бо номҳои "Зиндони Каримхон", "Қасри салтанатӣ ва андаруниии Каримхони Занд" низ ёд мешавад ва дар соли 1766 (1180 ҳ.қ.) бо дастури ӯ сохта шудааст. Каримхони Занд барои эҳдоси ин қалъа моҳиртарин устою ҳунармандон ва меъморонро ҷалб намуда, аз беҳтарин маҳсулоти бинокории замони худ истифода бурдааст. Ӯ ин нишемангоҳи худро ҳам аз назари ҳарбӣ ва ҳам аз лиҳози маскунӣ боварибахш бино кардааст.

Ҳавлии дохили Арк росткунҷашакл буда, арзу тӯлаш сад ва саду бистметрӣ мебошад. Дар атрофу васати ҳавлӣ ҳавзҳои бузурге обнамоҳои зебоеро ташкил медиҳанд. Дарахтони норанҷи ҳавлӣ доимо сабз аст, ки ба нақле, баъзеашон умри дусадсола доранд.



Print to PDF without this message by purchasing novaPDF (http://www.novapdf.com/)

Арки Каримхон дар самтҳои шимолу ғарб ва ҷануб се шоҳнишин (бурҷи суфадор, айвон) дорад, ки махсуси се фасли сол (зимистон, баҳор ва тобистон) будаанд. Дар атрофу пушти онҳо ҳуҷраҳо ва пешайвонҳо низ қарор гирифтаанд. Гузашта аз инҳо, Арк дорои толорҳои ихтисосшуда барои мулоқотҳои расмӣ ва истироҳат, ҳаммоми хусусӣ, хонаҳои хидматгузорон ва нигаҳбонон ва долонҳои зиёде мебошад. Тавре ки мутасаддиёни кунунии Арк баён медоранд, аввалҳо утоқҳои он нақкошиҳои ҷолибу зебое доштаанд, аммо, азбаски ин сохтмон чанд муддат ба унвони зиндони шаҳрбонӣ (идораи милитсия) истифода шудааст, бисёрии нақкошиҳо аз байн рафтаанд.

Дар ҳоли ҳозир маҷмӯаи Арк идораи Созмони мероси фарҳангии устони Форс аст. Вуруд ба он барои ҳама (бо билет) озод мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки Каримхони Занд пас аз Нодиршоҳ дар соли 1750 (1163 ҳ.қ.) подшоҳи Эрон гардида, Шерозро ба унвони пойтахти мамлакати худ баргузидааст. Ӯ чун ҳокими одил ва мардумдӯст ёд мешавад. Худашро ба андозае дӯсти халқ медонад, ки ҳатто калимаи “шоҳ”-ро интихоб накарда, худро “вакил”-и мардум номида буд. Ӯ дар Шероз, ба навбати аввал, ба хотири таъмини амният миқдори дарвозаҳои шаҳрро ба шашто кам карда, дар маркази шаҳр майдони шоҳӣ барпо намудааст. Дар шимоли майдон сохтмони Девонхона, дар ҷануби он гардишгоҳи Боғи Назар ва иморати Кулоҳи Фарангӣ қарор гирифтаанд. Бинои Кулоҳи Фарангӣ чун ҷойгоҳи ташкили ҷаласот ва пазиройии сафирони хориҷӣ будааст. Ҳаммом ва масҷиди Вакил, шутурхона ва сарбозхона низ дар наздикиҳои майдон воқеъ будаанд.

Каримхони Занд барои ободонӣ ва ислоҳи кишвар хизматҳои зиёд кардааст. Мегӯянд, яке аз корҳои муҳими ӯ кашидани каналҳои об ва фозилоб (барандаи обҳои нотоза) ба воситаи лӯлаҳои сафолӣ буд. Ӯ аз ин тариқ оби Рукнободро ба Шероз расондааст.

Мардуми Шероз Каримхони Зандро бо некӣ ёд мекунанд. Ҳоло дар наздикии Арки каримхонӣ муҷассамаи мармарии ӯ қарор дорад, ки чор метр баландӣ дорад ва аз тарафи яке аз ҳайкалтарошони шерозӣ сохта шудааст.

## Оромгоҳи Саъдӣ (Саъдия)



Дар кӯдакӣ ва баъдан бисёр хондаему шунидаем, ки оромгоҳҳои Шайх Саъдӣ ва Хоҷа Ҳофиз воқеъ дар зодгоҳи онҳо – шаҳри Шероз аст. Аммо бо чашми худ дидану тавоф кардани ин гуна муқаддасҷоҳо дунёи дигар будааст! Воқеан, ба аҳли шеъру суханпарвари Шероз офарин, ки ба хотири бузургдошти ин қабил алломаҳои худ то тавонистаанд иқдомоти лозим анҷом додаанд. Ҳоло ин маконҳо дар радифи дигар осори боарзиши таърихӣ ба маҳали тамошо ва зиёрати мусофирон аз гӯшаву канори мухталифи ҷаҳон табдил шудаанд.

Оромгоҳи Саъдӣ ё, ба истилоҳи худи шерозиён, “Саъдия”, дар самти шимолу шарқии Шероз, дар поёни хиёбони Бӯстон, ки дар интиҳо ба танги Саъдӣ бармехӯрад, воқеъ мебошад. Ин макон дар ибтидо хонақоҳи шайх будааст, ки вай дар он ҷо охири умри худро гузарондааст. Ҳоло маҷмӯаи оромгоҳ аз муҳавватаи бузурге, ки ғолибан ба сурати боғи зебое ҷилва мекунад, иборат буда, сохтмонаш дар васати боғ қарор гирифтааст. Дар даромадгоҳи Саъдия тахтаи оҳании дулингае насб шудааст, ки бар рӯйи он яке аз байтҳои машҳури шоирро сабт намудаанд:



Print to PDF without this message by purchasing novaPDF (http://www.novapdf.com/)

*Зи хоки Саъдии Шероз бӯйи ишқ ояд,*
*Ҳазор сол пас аз марги ӯ гараш бӯйӣ.*

Дар қисмати пеши оромгоҳ айвоне монанди Чиҳилсутуни Исфаҳон сохта шудааст, ки сақфи он бо ҳашт сутуни якпорча нигаҳдорӣ мешавад. Дар майдони назди оромгоҳ ҳавзе қарор дорад, ки мардум аз оби зулоли он мехӯранд ва тибқи суннатҳои қадимӣ дар он сикка меандозанд.

Намои оромгоҳ бо гунбади сабзрангаш дилкаш аст ва дар бағали он (ба он часпида) айвони толормонанде ба самти ғарб густурда мешавад ва дар ду тараф сутунҳои онро бо сангҳои тазйинӣ пӯшондаанд. Қабри Саъдӣ дар васати хонаи начандон бузурге, ки сақфи баланд дорад ва ба шакли ҳаштзалъӣ сохта шудааст, воқеъ мебошад. Дар сатҳи деворҳои атрофи он, бар рӯйи кошиҳои обиранг ҳафт катиба аз беҳтарин бахшҳои “Гулистон”-у “Бӯстон” ва тойиботу ғазалиёти шоир бо хати настаълиқ навишта шудаанд. Дар катибае, ки рӯ ба рӯйи дари даромадгоҳ ба чашм мехӯрад, шарҳи мухтасари зиндагии Саъдӣ ва оромгоҳи ӯ омадааст. Бар санги болои қабраш низ, аз ҷумла, ин байтро мехонем:

*Агар маро ба дуое мадад кунӣ, шояд*
*Ки офарини Худо бар равони Саъдӣ бод!*

Боғи оромгоҳ бо гулҳои зинатӣ, дарахтони мухталифи манзаравӣ, роҳравҳои сангфарш ва фазои сабзи ботароват боз ҳам шинаму диданитар аст. Яке аз ҷойҳои ҷолиб дар дохили боғ чашмаи оби равонест, ки ба он бо зинапоя поин меравcovered ва аз оби зулоли он мехӯранд. Дар боғ як чойхонаи суннатӣ ва ҷойгоҳҳоеро аз хишту кошиву чӯбу санг сохтаанд, ки барои рафъи хастагии тозаомадагон хеле мусоид аст. Дар васати ин қисмати боғ ҳавзчае вуҷуд дорад, ки оби бисёр софу зулол дорад ва дар он моҳичаҳои бешумор шинову ҷастухез мекунанд. Ин ҳавзро, ки болопӯшида аст ва бо зинаҳои гирд ба тамошои он ворид мешаванд, “Ҳавзи моҳӣ” меноманд. Дар он низ мардум тибқи суннатҳои қадимӣ сикка меандозанд. Бояд гуфт, ки ин ҳавз бо моҳичаҳои антиқаи худ монанди Чашмаи Нуратост, аммо на ба ин бузургӣ.

Тавре ки масъулони оромгоҳи Саъдӣ ёдрас намуданд, ин боғ, ба хусус дар фасли баҳор, хеле муаттар ва босафо мешавад. Дар такмилу нигаҳдорӣ ва навсозию таъмироти зиёратгоҳ аз қадим ҳокимони зиёд ва ҳаводорони каломи Саъдӣ саҳм гузоштаанд. Минҷумла, дар замони Каримхони Занд бинои арзишманде бар рӯйи қабри Саъдӣ сохта шудааст ва бар рӯйи мазораш санги нав насб кардаанд. Сохтмони кунунии оромгоҳ дар соли 1948 бо тасмими Анҷумани осори миллӣ навсозӣ шудааст.

## Оромгоҳи Ҳофиз (Ҳофизия)

Дар ҳоли ҳозир Ҳофизия аз ду муҳаввата – боғ ва оромгоҳ иборат аст. Дар қисми вурудӣ ба оромгоҳ иморати сутундоре ба шакли толор қарор дорад, ки бо бист сутуни сангии баланд нигаҳ дошта мешавад. Мегӯянд, чор сутуни он аз замони Каримхони Занд буда, ҳар яке яктикагианд ва шонздаҳ сутуни дигар дутикагӣ буда, дар соли 1936 сохта ва насб шудаанд.

Баъд аз толор дар васати саҳни калоне қабри Ҳофиз ба чашм мехӯрад, ки таҳкурсии он гирдогирд бо панҷ радиф зинаи мудаввар қариб як метр болотар аз саҳн қарор гирифтааст. Санги мармарии рӯйи мазор, ки аз замони Каримхони Занд мебошад, ҳанӯз ҳам солим ва ҷилодор аст. Бар рӯйи он ду ғазали Ҳофизро бо хати настаълиқ ҳаккорӣ кардаанд. Болотар аз катибаи санг ва дар миёни туранче (ҳошия) ин ҷумла сабт ёфтааст: *“Анта ал-боқӣ ва кулли шайъи ҳолука”* (ту ҷовидонӣ ва боқимонда ҳама чиз муваққат).



Print to PDF without this message by purchasing novaPDF (http://www.novapdf.com/)



Болои қабрро гунбаде мепӯшонад, ки онро ҳашт сутуни сангии панҷметрӣ устувор нигаҳ медоранд. Сақфи гунбад аз дохил бо кошиҳои рангини муарраҚ ***(муарраҚ*** *– нақшунигори барҷаста ё фурурафта, ки бар рӯйи чӯб, санг, сафол, кошӣ ва ғ. иҷро мешавад)* тазйин ёфтааст. Дар зери сақф давр то давр абёте бо хати сулс бар рӯйи кошӣ ба чашм мехӯранд. Сатҳи хориҷии гунбадро ба воситаи вараҚҳои мисии бурмашуда, ки монанди кулоҳи қаландарон ва дарвешон аст, пӯшиш додаанд.

Дар дохилтари саҳн ду ҳавзи об ҳаст, ки ҳар яке бо ду боғчаи дорои дарахтони норанҷ маҳсуранд. Давр то даври саҳн низ бо боғча ва дарахтони коҷу сарву норанҷ хеле зебо ва диданӣ аст.

Дар муҳавватаи оромгоҳ, ҳамчунин, китобхона, Маркази ҳофизу саъдишиносӣ, чойхонаи суннатӣ, ғурфаҳои фурӯши китоб ва синфхонаҳои ҳунарӣ фаъолият доранд. Дар ҳама ҷо – бар рӯйи деворҳо, пештоқи утоқҳо, гирдогирди саҳн беҳтарин абёти Хоҷа Ҳофиз навишта шудаанд. Минҷумла, дар ду гӯшаи болоӣ ва поинии бинои Китобҳои мероси фарҳангӣ ин байтҳоро мехонем:

*Бар сари турбати мо, чун гузарӣ, ҳиммат хоҳ,*
*Ки зиёратгаҳи риндони ҷаҳон хоҳад буд.*
***
*Чароғи аҳли маънӣ – Хоҷа Ҳофиз,*
*Биҷӯ таърихаш аз "хоки Мусалло".*

Ин ҷо "хоки Мусалло" (خاک مصلی) таърихи вафоти Хоҷа Ҳофиз аст, ки мутобиқи ҳисоби абҷад муодили 791 ҳ.қ. (1389 мелодӣ) мебошад.

Аз толори бистсутунае, ки дар боло гуфтем, ба ҷониби дарвозаи даромадгоҳи Ҳофизия бо ҳаждаҳ зина поин меоянд ва ин қисматро "Ҳаёти ҷанубӣ" меноманд. Дар васати ин ҳаёт (ҳавлӣ) боғчаи борике бо гулу чаманкориҳо ба чашм мехӯрад. Аз ду тарафи он ду роҳрав барои рафтуомад ихтисос дода шудааст. Фазои сабзи муҳаввата бо дарахтони сарву коҷ ва ҳавзҳои мустатилӣ (росткунҷашакл) ва бештар аз ҳама, бо норанҷистони худ, ки дар фасли баҳор ғарқи гулҳои норанҷ ё баҳорноранҷ мешавад, хеле зебо ва муаттар аст.

Дар муҷовирати оромгоҳи Ҳофиз иддае аз шуаро, удабо, бузургон ва орифон дафн шудаанд, аз қабили Аҳлии Шерозӣ, Фурсатуддавлаи Шерозӣ, Фаридуни Таваллалӣ, Доктор Маҳдии Ҳамидӣ, Доктор Нуронии Висол...

Ҷойи зикр аст, ки пас аз ба хок супурдани Хоҷа Ҳофиз дар боғи Мусалло то чанд муддат қабри ӯ бе сохтмон будааст. Аввалин бор устод Шамсиддин Муҳаммади Яғмоӣ, ки вазири Мирзо Абулқосими Гурконӣ буд, баъд аз шасту панҷ соли вафоти шоир бар фарози қабри ӯ иморати гунбадӣ бино карда, дар назди он ҳавзи бузурге месозад, ки бо оби Рукнобод пур мешуд. Баъдан ин иморат ва умуман, муҳавватаи оромгоҳ чандин бор аз тарафи ҳукмронҳо ва алоқамандони Хоҷа Ҳофиз навсозӣ ва таъмиру маранмат шудааст. Ба хусус, дар ин кор саҳми Каримхони Зандро бузург медонанд.

Дар нигоштаҳои Муҳаммад Карими Хурмоӣ нақли ҷолибе баён мешавад: "Дар соли 1317 ҳ.қ. (мутобиқи 1899 мелодӣ) фарде зардуштӣ ба номи Ардашер, ки сокини Язд буд, ба хотири алоқае, ки ба Ҳофиз дошт, бар мазори ӯ рафта ва тафаъуле (фол) ба девони Ҳофиз мезанад, ки шеъри зер меояд:



Print to PDF without this message by purchasing novaPDF (http://www.novapdf.com/)

*Эй сабо, бо сокинони шаҳри Язд аз мо бигӯ,*
*К-эй сари ҳақношиносон гӯйи чавгони шумо.*

Ӯ аз ин шеър хушаш омада ва даст ба таъмиру навсозии оромгоҳ мебарад ва меъҷаре бар фарози қабри Ҳофиз месозад. Аммо андаке баъд марҳум Саид Алӣ Акбар, ки яке аз содоти саршиноси он замон буда, ба баҳонаи ин, ки як нафар габр (бедин) қабри Хоҷаро сохта, ба Ҳофизия рафта ва меъҷарро вайрон мекунад. Гуфта шудааст, дар охир асояшро ба қабри Ҳофиз мезанад ва бо хитоб ба ӯ мегӯяд: “Дарвеш, мехостанд туро наҷс кунанд, нагузоштам”.

## Боғи Дилкушо



Боғи Дилкушо яке аз зеботарин боғҳои Шероз ва тафриҳгоҳҳои мардуми ин шаҳр аст. Ин боғ дар ғарби хиёбони Бӯстон, ки бо оромгоҳи Саъдӣ ба итмом мерасад, воқеъ мебошад ва аз оби қаноти Саъдӣ обёрӣ мешавад. Мегӯянд, боғи мазкур бо ҳавои ҳамешабаҳор ва ғуруби зебои худ забонзади мардум аст. Ҳамчунин дарахтони хуштаркиби норанҷи он бӯстони диданӣ ва гулҳои баҳорноранҷи он гулистони хушманзареро ба назарҳо ҷилва медиҳанд.

Дар дили Боғи Дилкушо иморати зебои сеошёнае ба сурати кулоҳи фарангӣ сохта шудааст. Дар табақаи аввали он ҳаштии (роҳрав) васее ҳаст, ки чор шоҳнишинӣ дар атрофи он қарор дорад. Дар миёни шоҳнишиниҳо ҳавзи калоне аз сангҳои бузурги якпорча ва кошӣ сохта шудааст ва дар васати он фаввораи аз санг дурустшудае ба чашм мехӯрад. Дар фарози шоҳнишиниҳо айвонакҳои гӯшворамонанде (чун балкон) дида мешаванд. Табақаи дуюми иморат толори бузурге дорад. Маълум аст, ки ин толор рангкорию нақшҳои ҷолибе доштааст, агарчи ҳоло ҷо-ҷо аз байн рафтаанд. Сақфи аслии сохтмон гунбазшакл аст. Намоёнтарин бахши иморат айвони аслии он мебошад, ки ду сутуни баланди яктика дорад ва сақфу гӯшаю канори он тазйин дода шудаанд.

Бино ба нақли ровиён, пешинаи таърихии Боғи Дилкушо ба замони қабл аз ислом, ба давраи ҳукумати Сосониён мерасад. Дар давраи салтанати Амир Темури Курагонӣ ҳам Боғи Дилкушо хеле ободд будааст. Амир Темур пас аз дидани ин боғ дастур медиҳад, ки ба ҳамин шева ва бо ҳамин ном дар Самарқанд низ боғи бузурге бисозанд. Дар замони Сафавиён, Афшориён ва Зандиён ҳам Боғи Дилкушо аз ҷумлаи боғҳои ободи Шероз будааст. Як иморати арзанда аз замони Қоҷория дар васати ин боғ дида мешавад.

## Боғи Ирам

Боғи Ирам аз зеботарин ва машҳуртарин боғҳои Шероз буда, дар тамоми Эрон ҳамтои худро надорад. Ин боғи афсонавиро дар сафарномаҳо, китобу осори мухталиф, ба вижа, шоирон дар ашъори худ борҳо таъриф кардаанд. Нақл мекунанд, ки Ирам як боғи биҳиштгуна будааст ва Шаддод писари Имод – подшоҳи Арабистон ин боғро бо манзури рақобат бо он боғи биҳиштӣ сохтааст. Бо ин ҳол, нахустин бунёнгузори Боғи Ирам маълум нест.



Print to PDF without this message by purchasing novaPDF (http://www.novapdf.com/)



Боғи Ирам аз рӯзгори Салчуқиён ва дар тамоми давраи аҳди Инҷу побарҷо буд. Пас аз фурупошии сулолаи Инҷу  боғ ба дасти сарварони аҳди Музаффар меафтад ва дар замони шоҳ Мансур – охирин подшоҳи аҳди Музаффар, бисёр обод мешавад. Каримхони Занд низ дар замони худ ба созандагӣ ва беҳсозии боғ эътибори ҷиддӣ додааст.

Иморате, ки дар васати Боғи Ирам қомат афрохтааст, аз замони Қоҷория мебошад. Сохтмони он аз тарафи Ҳусайн-алихон Насирулмулк пайрезӣ ва бо саъю талоши хоҳарзодаи ӯ – Абулқосимхон Насирулмулк ба итмом расонда шудааст ва имрӯз ба боғ шукӯҳ мебахшад.

Мегӯянд, баъдан боғро Носирхони Қашқоӣ бо 240 ҳазор туман харида, моликияти онро дар ихтиёр доштааст. Вале дар замони Мӯътасимуддавла Фаррух, ки устондори Форс буд, боғ ба сабаби қарздор будани молики он ба тасарруфи давлат медарояд. Бо мурури замон, боғ ба донишгоҳи Шероз вогузор мешавад. Аз он барои пазиройии бузургон, ашроф ва дигар меҳмонони олиқадр истифода кардаанд. Боғ каме дертар ба маркази гиёҳ-шиносӣ табдил меёбад.

Иморати боғ се ошёна дорад. Айвони пеши он дорои ду сутун ва сақфи мусаттаҳ аст. Навиштаҷот гувоҳӣ медиҳанд, ки иморат аз назари меъморӣ, наққошӣ, ҳаҷҷорию кошикорӣ ва гаҷбурӣ ҳамчун намунае аз шоҳкориҳои замони Қоҷория ба назар мерасад. Ҳавзхонаи табақаи аввал  дар гузашта барои истироҳат дар фасли гармо истифода мешудааст. Дар васати толори ин ошёна сутуни калони сангӣ ва кандакоришуда қарор дорад. Деворҳо ва кафи он бо кошиҳои ҳафтранг хеле дилкаш ороста шудаанд. Айвони бузург бо ду сутун дар табақаи дуюм қарор дорад. Дар пушти он толори бузурге бо ду роҳрав ва дар охири роҳравҳо чор хонача воқеъ гардидаанд. Дар табақаи сеюм тирезаҳои толори бузург  ба сӯйи айвони аслӣ боз мешаванд. Айвони иморат ошёнаҳои дуюм ва сеюмро дарбар мегирад.

Тасвиру нақшҳои мухталиф иморати боғро оро медиҳанд. Чунончи, дар нимдоираи васатӣ, ки аз нимдоираҳои дигар бузургтар аст, чеҳраи Носириддиншоҳи Қочор, ки савор бар аспи сафед аст, ба назар мерасад. Дар пеши кулоҳаш нимтоҷе дорад. Нақшҳои дигар дар нимдоираҳои бағалӣ намоёнгари чеҳраҳо аз достонҳои “Шоҳнома”, аз осори Низомӣ ва адабиёти қадимаи Эрон мебошанд. Дар болосари Носириддиншоҳ саҳнаи бар тахт нишастани Ҳазрати Сулаймон ва ҳамсари ӯ – Билқисро метавон дид. Дар пушти сари онҳо девҳои афсонавӣ бо ду шох бар рӯйи сар наққошӣ шудаанд ва дар муқобили онҳо низ тасвирҳои фил, шутур, асп ва дигар ҳайвонот ба чашм мехӯранд. Дар гӯшаи дигар ҳам наққошиҳои марбут ба тахтнишинии Ҳазрати Сулаймон, чеҳраи Рустам ва дар самти рости он чеҳраи Носириддиншоҳи Қоҷор, лаҳзаҳое аз достони ошиқонаи “Фарҳод ва Ширин” ва дар самти чапи он маҷлиси даъвати Зулайхо аз занони Миср ва вуруди Юсуф ба он дида мешавад. Дар нимдоираҳои дигар пайкари марде бо мавҷудоти афсонавӣ ва оҳу дар чанголи паланг наққошӣ шудааст.

Ҳавзи об дар пеши иморат намои ин муҳитро боз ҳам дилработар мекунад. Ба хусус, оби зулоли он, ки ранги осмониву ба сабз моил дорад ва буттаҳои шаклдодашуда ва анвои гулҳои сафеду зарду қирмизиву бунафши атрофи он манзараи ҷолиберо эҷод кардаанд.

Боғи Ирам бо дарахтони сарв ё сарвинози худ, бо шоҳбулуту коҷҳои баланд, бо ҷӯйчаҳои об, ки ба шакли зинаӣ сохта шудаанд ва аз мағзи кӯҳсори бағалӣ манбаъ мегиранд, ва ба хусус, бо “утоқакҳои” бесақфу бешумори худ, ки аз буттаҳои сарсабз



Print to PDF without this message by purchasing novaPDF (http://www.novapdf.com/)

дуруст шудаанд ва ҳамеша ҷуфт-ҷуфт ошиқон ё аъзои оилаҳоро ба оғӯши худ мегиранд, боз ҳам зебову дилкаштар ҷилва мекунад.

Ба маҳзи ин ки кас аз дарвозаи умумӣ вориди боғ мешавад, атри диловези гулҳо ва дарахтон, насими роҳатбахши боғи хушҳаво ба димоғ мезанад. Бо қадамзанӣ дар роҳраву гулгаштҳои он ҳар гуна хастагӣ аз тани кас берун мешавад, дил мехоҳад муддатҳо дар ин фазои гуворо монда аз нозу тароватҳои табиат нашъа барад. Аз ин хотир, онро намоишгоҳи гулу гиёҳ низ номидаанд.

## Оромгоҳи Шоҳчароғ



Яке аз маъруфтарин маҳалҳои зиёратӣ ва мазҳабии Шероз боргоҳи Мирсаид Аҳмад бин Мусо ал-Козимӣ, маъруф ба "Шоҳчароғ", дар маркази шаҳр, дар канори майдоне ба номи "Аҳмадӣ" қарор дорад. Бояд гуфт, ки Аҳмад Мусо писари калонии Имом Мусо ал-Козимӣ (имоми ҳафтуми мазҳаби шиа) ва бародари Имом Ризо буда, барои пайвастан ба бародари худ ба сӯйи Хуросон сафар мекунад, вале дар роҳ аз тарафи одамони Маъмун – халифаи Аббосӣ ба шаҳодат мерасад ва ҳамон ҷо дар шаҳри Шероз ба хок супурда мешавад.

Дар атрофи оромгоҳ, давр то даври муҳавватаи он бозорҳои дутабақа сохта шудаанд, ки дорои шеваҳои суннатӣ ва меъмориҳои асили эронӣ мебошанд. Аввалин чизе, ки дар ин ҷо диққати бинандаро ҷалб мекунад, гунбади нилуфарии Шоҳчароғ аст, ки бо сабки бисёр зебое кошикорӣ шуда, аз дур намудор аст. Даруни ҳарамро бо ба кор бурдани оинаҳои рези рангин ҳунармандона оинакорӣ кардаанд ва анвои хатҳои зебои форсӣ ва арабӣ тазйиндиҳандаи намои атрофи оинаҳо ва кошиҳост.

Бинои ҳарам иборат аз айвоне дар пеш ва толори густурда дар пушти айвон буда, дар чор ҷониби ҳарам чор шоҳнишин қарор дорад. Дар пушти ҳарам низ масҷиде сохта шудааст. Сутунҳои айвони ҳарам оҳанӣ буда, ба василаи чӯбҳои нафис пӯшиш ёфтаанд. Дар сақфи мусаттаҳи айвон низ чӯбҳои мунаббаткоришуда ба кор рафтаанд. Дар тазйини каф ва деворҳои атрофи он аз санги мармар истифода бурдаанд. Зиреҳи (қабри) мутаҳҳар дар шоҳнишинии зери гунбад қарор дорад ва аз нукра сохта шудааст.

Ҳавлии Шоҳчароғ ду дари вурудии аслӣ ва ду дари фаръӣ дорад. Тамоми ҳавлӣ сангфарш буда, дар васат як ҳавзи бузурги об мавҷуд аст. Атрофи ҳавлиро иморатҳои муттасилаи дутабақа печонда гирифтаанд, ки ба қавли масъулон, онҳо яксаду шасту ду ҳуҷра доранд.

Дар боргоҳи ҳазрати Шоҳчароғ маҷмӯаи фарҳангии мазҳабӣ, посгоҳи низомӣ, маркази телефон ва почта, китобхона, музей ва намозхонаҳо фаъолият мекунанд. Ин оромгоҳ ҳамеша зиёратгоҳи аҳли дил ва ҳоҷатмандон аст.

## Остона

Оромгоҳи Саид Алоуддин Ҳусайн низ яке аз маъруфтарин зиёратгоҳҳои Шероз ба шумор меравад ва ин маҳалро шерозиҳо бо номи "Остона" мешиносанд.

Аз назари вусъату бузургӣ ҳарами Остона ба андозаи Шоҳчароғ нест, вале аз лиҳози табаррукӣ ҳамсони якдигаранд. Ин зиёратгоҳ низ дар замонҳои мухталиф чандин



Print to PDF without this message by purchasing novaPDF (http://www.novapdf.com/)

бор тармиму бозсозӣ шудааст. Дар як катибаи болои дари ҷанубии оромгоҳ ин мисраъҳоро мехонем:

*Ин бино, к-аз давлати Султон Халил омад падид,*
*Соли таърихаш биҷӯ аз “хайри боқӣ” вассалом.*



Ибораи “хайри боқӣ” (خیر باقی) аз рӯйи шумориши абҷад баробар бо соли 923 ҳ.қ. (соли 1517 мелодӣ) аст. Султон Халил ҳукмрон ва намояндаи шоҳ Исмоили Сафавӣ дар Форс буд.

Гунбади ҳарами Остонаро охирин бор бо искилети оҳанӣ навсозӣ кардаанд ва сатҳи беруниаш куллан кошикорӣ шудааст. Ҳоло дар самти ҷанубии буқъа (ҳарам) бурҷи баланде низ қарор дорад, ки садои соати зангдори он то чанд маҳал дуртар ба гӯш мерасад. Оинакорӣ ва гаҷбуриҳои даруни ҳарам аз шоҳкориҳои ҳунари шерозиён гувоҳӣ медиҳад. Дар бағали ҳавлии ҳарам масҷиде низ мавчуд аст, ки дорои сутунҳои сангӣ ва утоқҳои хиштӣ мебошад.

Оромгоҳи Остона ҳамеша пур аз зиёраткунанда аст, ба хусус, миқдори онҳо дар рӯзи душанбе ношумурданист. Бояд тазаккур дод, ки ҳазрати Саид Алоуддин Ҳусайн бародари ҳазрати Аҳмад бин Мусо ал-Козимӣ Шоҳчароғ ва ҳар ду бародари Имом Ризо (марқади эшон дар Машҳад аст) мебошанд.

## Тахти Ҷамшед

Инҷониб тайи сафари якҳафтагии худ ба Эрон, ҳамзамон бо тамошои шаҳри босафо ва куҳантаърихи Шероз боз ба як орзуи деринаам, ки ҳамеша дар мағзи қалбам ниҳон буд, муяссар гардидам. Нисфи як рӯзи сафарамро ба дидани яке аз азимтарин ва бошукӯҳтарин маҷмӯаҳои таърихии Эрон ва ҷаҳон – “шаҳри” Тахти Ҷамшед ихтисос додам. Дар асл, Тахти Ҷамшед маҷмӯаи коххои бостонии давраи Ҳахоманишӣ аст ва аз шоҳкорҳои бузурги меъмории дунёи қадим ба шумор меравад. Тахти Ҷамшед боқимондаи шаҳри бостонии Порса мебошад, ки дар панҷоҳу ҳафт километрии шимолу шарқи Шероз ва дар каронаи шарқии Марвдашт воқеъ аст. Онро дар маъхазҳои юнонӣ бо номи “Персиполис” ёд кардаанд.

Тахти Ҷамшед охирин ва волотарин мазҳари Ховари Наздик аз аҳди бостон буда, аз назари азамату шукӯҳ ва ҳунару зебоӣ кам созаҳое дар ҷаҳон бо он баробарӣ мекунанд. Донишмандони муосир бар ин ақидаанд, ки биноҳои Тахти Ҷамшед маҳали пойтахти тобистонии Ҳахоманишиён ва маконе барои анҷоми маросими боаҳамияти идҳои мазҳабӣ ва миллии эрониён (чун Наврӯз) ва ташрифоту маросими дарборӣ будааст.

Биноҳои Тахти Ҷамшед (ё Порса) ҳудудан 515 сол қабл аз мелод бо дастури Дориюши аввал дар доманаи кӯҳи Раҳмат эҳдос шудаанд. Мегӯянд, ободонии Тахти Ҷамшед беш аз яксаду ҳаштод сол тӯл кашидааст ва дар байни солҳои 330-323 пеш аз мелод аз тарафи сипоҳиёни Искандари Мақдунӣ тасхир шуда, тӯъмаи оташ гардидааст. Искандариҳо тамоми дастовардҳои ҳунарӣ ва мӯъчизоти созандагии эрониёнро харобу валангор кардаанд.

Дар ҳар сурат, боқимондаҳои Тахти Ҷамшед гувоҳӣ медиҳанд, ки он аз чанд коху иморат иборат будааст. Роҳи даромадгоҳ ба ин “шаҳрак”-и бостонӣ бо зинапояи дутарафаи бузурге шурӯъ мешавад, ки ҳар як тараф яксаду даҳтоӣ зина дорад. Мумкин аст



Print to PDF without this message by purchasing novaPDF (http://www.novapdf.com/)



аз онҳо бо аспу ароба ба осонӣ боло рафт. Ҳар чор ё панҷ зина аз сангҳои якпорчаӣ дуруст шудаанд. Пас аз зинапояҳо ду толор ба чашм мехӯранд, ки ба ду ҷониби даргоҳҳои толор ду ҷуфт гови болдор ба унвони “нигаҳбон” ҳаҷҷорӣ шудаанд. Онро Дарвозаи Хашоёршоҳ ё Дарвозаи Милал меноманд.

Дар Тахти Ҷамшед кохи Аподоно, ки бо номи “кохи Дориюш” низ шӯҳрат дорад, аз назари бузургию иртифоъ ва инъикоси санъатҳои ҳунарӣ яке аз намоёнтарин қаср-ҳост. Толори аслии он сию шаш сутун бо иртифои бистметрӣ ва худи кох ду зинапояи бузург дорад. Дар идома, толоре бо сад сутуни сангӣ устувор будааст, ки иртифои ҳар сутун дувоздаҳметрӣ мебошад. Аз ин ҷост, ки онро “Толори садсутун” номидаанд.

Кохи марказӣ бошад, бо номи “Қасри седарвоза” маъруф аст ва ба ҳар як даргоҳи он нақшҳои барҷастаи намояндагон ва гумоштаҳои кишварҳои тобеи шоҳаншоҳии Ҳахоманишӣ ҳаҷҷорӣ шудаанд. Кохи Ҳариши Тахти Ҷамшед аз як толор ва сию шаш сутун ва кохи Таҷар аз як толори марказӣ ва дувоздаҳ сутун иборат мебошанд. Кохи Таҷар катибаҳое бо хати мехӣ дорад. Яке аз вижагиҳои ин кох сайқалӣ ва шаффоф будани сангҳои он аст, ки бо ин сабаб онро “Толори Оина”низ меноманд.

Каме болотар аз биноҳои Тахти Ҷамшед, дар дили кӯҳ қабристони Ҳахоманишиён побарҷост, ки аз тариқи шикофтани кӯҳи сангӣ сохта шудааст ва ҳоло дари даромади он бо панҷараи оҳанӣ баста аст. Поёнтар аз он гирдогирди чоҳи сангиеро бо ҳисор гирифтаанд. Ин чоҳи об низ ба шакли мураббаӣ то поён куллан бо шикофтани санги яклухт канда шудааст.

Ҳамчунин, Кохи Ҳарамсаро, Хазонаи Дориюш, Дабирхонаи шоҳӣ, китобхона, музейи осори таърихӣ, оромгоҳҳои Ардашери дуюм ва сеюм, иморати Кулоҳи фарангӣ аз ҷумлаи ёдгориҳои маҷмӯаи Тахти Ҷамшед мебошанд.

## Ба ҷойи охирсухан

Амокини диданӣ ва зиёратии Шероз ва атрофи он хеле зиёд аст, аммо тайи ду рӯзи сафар гаштану боздид кардани он ҳама осор ғайриимкон. Ба ҷуз макону маҳалҳое, ки мо бевосита дидаему ба шарҳи боло мухтасаран таъриф кардем, дар Шероз осори таърихӣ ва ёдгориҳои Ҳаммоми Вакил, Қалъаи Каримхон, Норанҷистони қавом, Гаҳвораи дев, Хонаи Зинатулмулк, Ҳафттанон, Чиҳилтанон, Тахти зарробӣ, мадрасаҳои қадимӣ, оромгоҳҳои Хоҷуи Кирмонӣ, Шайхи Рӯзбаҳо, Себӯя, Бобокӯҳӣ, Вассоф, боғҳои Афифобод (Гулшан), Назар, Ҷаҳоннамо, Тахт, Нав, Ҷаннат, Миллӣ, нуқоти зиёратии Саид Мирмуҳаммад, Алӣ бинни Ҳамза, Имомзода Иброҳим, Бибидухтарон, масҷидҳои Вакил, Ҷомеи атиқ, Шуҳадо, Насирулмулк, Қасри дашт, бозорҳои Мушир, Вакил, Урдубозор, Мисгарҳо, Ҳоҷӣ ва ҳамчунин бӯстонҳову гардишгоҳҳои дигар мавҷуданд, ки доимо қадамгоҳи меҳмонон ва мусофирон аз гӯшаҳои мухталифи Эрон ва ҷаҳон будаанду ҳастанд.

Тавре ки дар боло ёдовар шудем, Тахти Ҷамшед берун аз шаҳри Шероз, дар ноҳияи Марвдашт воқеъ аст. Монанди он бисёр ҷойҳои диданӣ ва осори бостонӣ дар атрофу акнофи Шероз диққати ҷаҳонгардонро ба худ ҷалб намудаанд, чунончи, Посоргод (аввалин пойтахти Куруши Кабир), Тахти Товус (кохи бостонӣ аз даврони Ҳахоманишиён, ки собиқан “Тахти Сулаймон” номида шудааст), Нақши Раҷаб (нақшҳои барҷастаи подшоҳони Сосонӣ, ки дар синаи кӯҳ ҳаҷҷорӣ шудаанд), Нақши Рустам (осор ва нақшҳои



Print to PDF without this message by purchasing novaPDF (http://www.novapdf.com/)

барчаста дар кӯҳистони Ҳоҷиобод аз аҳди Эйломиҳо, Ҳахоманишиён ва Сосониён ва оромгоҳҳои онҳо)...

Бо ин ҳама, дар поёни сафар шаҳри зебои Шерозро, ки чи аз лиҳози табиатгардӣ, чи аз назари фарҳангӣ, осори бостонӣ ва амокини зиёратӣ камназир аст ва мардуми меҳмоннавоз дорад, паси сар мегузорем ва орзуи худро аз забони шоир Муҳаммад Ҷомеӣ ба ин зайл баён медорем:

*Дубора Боғи Ираму наргиси Шерозам орзуст,*
*Такя бар қомати раънои сарвинозам орзуст.*
*Маро чӣ лаззате бувад зи тамошои миллатҳо,*
*Даме муоширати мардуми меҳмоннавозам орзуст.*
*Миёни ин ҳама рангу зоҳири фиребанда,*
*Сафову садоқати аҳли диёрам орзуст.*
*Дигар зи ҷудоиву танҳоии ғурбат шикастаам,*
*Илоҳо, мадад намо, ки висоли ёрам орзуст.*





Print to PDF without this message by purchasing novaPDF (http://www.novapdf.com/)

# ИСФАҲОН

*Ҳама рӯзи ин шаҳр беҳрӯз бод,*
*Ҳама шоми ин бум чун рӯз бод.*
*(Беҳрӯзи Байзовӣ)*



Исфаҳон куҳандиёрест, ки бо даҳҳо ёдгории таърихӣ ба сони музейи ҷаҳоннамо ҷилва мекунад ва мардуми гуногунмиллати он дар оғӯши табиати зебои худодод ва баҳравар аз насими диловези Зояндарӯд умр ба сар мебаранд. Исфаҳон шаҳри дидани-бобест, ки эрониён аз ҳар ҷиҳат бо он ифтихор мекунанд ва ба хусус, рушду нумӯи онро аз даврони Салҷуқиён ва Сафавиён, ки пойтахти давлатии ин сулолаҳо будааст, бо некӣ ёдовар мешаванд. Аҳли Исфаҳон порсигӯйи ширинзабон ва ҳозирҷавобанд. Меҳмоннавозии онҳо одати хосест, ки бештар аз ҳама ҷаҳонгардонро ба ваҷд овардааст. Доноӣ ва ҳунармандии исфаҳониёнро дар ҳама ҷо – дар хиштҳои бинои Оташкадааш, дар оҷуркорӣ ва кошикориҳои масоҷиду манораҳои сар ба фалак кашидааш, дар дарбу сутунҳои мунаббаткоришудаи сохтмонҳояш, дар мисгарию сафолкорӣ ва қолибофию гулдӯзиҳояш, рӯйиҳамрафта, сари ҳар қадам метавон мушоҳида кард.

Таърих гувоҳ аст, ки дар замонҳои мухталиф тешаҳои нодонӣ ба похсаву пайкари бунёдкориҳои Исфаҳон задаанд, аммо боз ҳам шукӯҳу ҷилои худро бо ранги тозатаре нигаҳ дошта, зебоиашро ба ҷаҳониён ҷилва намудааст. Аз пайи бузургдошт ва доиман тару тоза нигаҳ доштани мероси ниёгон Исфаҳон дар соли 2006 ба унвони пойтахти фарҳангии ҷаҳони ислом хонда шуд. Ин номи пуровоза аст, чаро ки дар он талошҳои размоварон ва миҳандӯстон, ҳамвора кӯшишҳои мардум барои ободонӣ ва ғайратҳои афзудани зебоӣ бар зебоӣ нуҳуфтааст. Аз ин рӯ, ин сарзамини рӯъёӣ бар болҳои фариштагонро “нисфи ҷаҳон” гуфтаанд. Ин шаҳр дар соли 2009 (1388 ҳ.ш.) низ ҳамчун пойтахти фарҳанг ва тамаддуни Эрони исломӣ хонда шудааст.

“Чӣ касе метавонад иддао кунад, ки зеботарин шаҳри ҷаҳонро дидааст, бе он ки Исфаҳонро дида бошад?”, – гуфтааст нависандаи фаронсавӣ Андре Малро. Воқеан, Исфаҳон дар байни шаҳрҳои ҷаҳони ислом гавҳари ягонаест, ки дар нишебу фарозҳои таърих аз паси ғуборҳои садаҳо боз ҳам медурахшаду сеҳрангез ҷило медиҳад.

Исфаҳон дар замонҳои қадим, ба вижа, дар даврони Ашкониён ва Сосониён ҳамчун маркази ҳукумат, маҳали гирдиҳамойии сипоҳи порс буд. Худ калимаи “исфаҳон” ҳам баргирифта аз вожаҳои “испаҳон” ё “сипоҳон” мебошад ва онро “шаҳри саворон” низ номидаанд. *(Баъд аз омадани арабҳо ҳарфу овози “п”, чун дар забони арабӣ набуд, ба “ф” табдил мешавад ва номи шаҳр бо вожаи нави “исфаҳон” хонда мешавад.)* Бояд гуфт, ки Исфаҳон номҳои куҳантаре низ доштааст, вале онҳо бо исми кунуниаш ҳеҷ алоқамандӣ надоранд, аз қабили: Гобиён, Гобия, Ҷай, Гай, Гобо. Яке аз минтақаҳои шаҳр бошад, “Дор-ул-Яҳудия” (“Яҳудия”, “Ҷуҳудистон”) номгузорӣ шудааст, ки он дар асл ҳосили футуҳоти башардӯстонаи Куруши Кабир аст. Ҳанӯз дар замони он шоҳи бузург яҳудиён аз асорати шоҳи Бобул наҷот ёфта ба ин диёр омадаанд.

То оғози хилофати тозиён дар Исфаҳон асосан ду маҳаллаи бузург будааст: яке зартуштинишин ва дигаре яхудинишин. Агарчи аз онҳо ёдгориҳои зиёд ба чашм мехӯранд, аммо рушду ободии ин шаҳр бештар пас аз ба қудрат омадани сулолаи Салҷуқиён оғоз меёбад. Исфаҳониҳо, ғолибан, аз ҳукмронии Салҷуқиҳо, Сафавиён ва раҳбарии давраи пас аз ҷанги дувуми ҷаҳон, ки шаҳрашонро ободу дар ниҳояти рифоҳ нигаҳ доштаанд, розианд. Чунончи, дар даврони Маликшоҳ ва вазири ботадбири ӯ – Хоҷа



Print to PDF without this message by purchasing novaPDF (http://www.novapdf.com/)



Низомулмулки Тӯсӣ шаҳри Исфаҳон ба авҷи шукӯҳ мерасад ва ҷамъияташ ду баробар афзуда, биноҳои бисёр сохта мешаванд. Дар рӯзгори Шоҳаббоси аввал ва то марги Шоҳаббоси дувум бошад, Исфаҳон беҳтарин шаҳри Ховарзамин будааст. Бо ин ҳол, ин шаҳр дар тӯли даҳ асри ахир аз дасти душманони зиёд, чун муғулҳо, темуриён, афғонҳои ғалҷоӣ, нобихрадони қоҷорӣ чандин бор харобу валангор гаштааст ва ҳазорон сокини он аз дами теғу найза гузаштаанд. Ба ин нигоҳ накарда, ҷамъияти Исфаҳон такомули худро аз даст надодааст ва нуфуси он дар ибтидои асри бисту як ба як миллиону нӯҳсад ҳазор нафар расид. Имрӯз Исфаҳон аз назари нуфус ва вусъати худ сеюмин шаҳри Эрон (пас аз Теҳрон ва Машҳад) ва аз назари пойтахтӣ дуюмин шаҳри кишвар аст. Ин шаҳр сесад километри мураббаъ масоҳат дорад. Дар муқоиса, Теҳрону Исфаҳон аз бисёр ҷиҳат ҳамонанди Тошканду Самарқанданд. Ба хусус, аз лиҳози доштани осори бостонӣ ва тарҳи шарқона Исфаҳону Самарқанд хеле шабеҳи ҳаманд, онҳо гӯё бо зебоӣ дар тӯли қарнҳои мутамодӣ бо ҳам сабқат доштаанд.

Ҳанӯз дар замони худ Носири Хисрав – нависанда ва шоири маъруфи кубодиёнӣ, ки дар соли 1053 тайи сафарҳои худ аз Исфаҳон дидан кардааст, дар сафарномаҳояш менигорад: “Исфаҳон шаҳрест, ки бар ҳомун (дашт, саҳро) ниҳода, обу ҳавои хуш дорад... ва шаҳр девори ҳасини (маҳкам, касногузар) баланд дорад ва дарвозаҳову ҷанггоҳҳо сохта ва бар ҳама боруву (деворҳои қалъаӣ бо бурҷҳо) кунгура сохта ва дар шаҳр ҷӯйҳои оби равон ва биноҳои некуву баланд. Андаруни шаҳр ҳама ободон, ки ҳеҷ аз вай хароб надидам ва бозорҳои бисёр... Ва ман дар ҳамаи сарзамини порсигӯён шаҳре накутар ва ҷомеътар ва ободонтар аз Исфаҳон надидам...”. Агар имрӯз ҳам бо дигар шаҳрҳо ин маскани куҳантаърихро муқоиса кунем, бешак, он бори маъниро аз гуфтаҳои ҳаким Носири Хисрав мекашад, ҳарчанд дар тӯли мавҷудияти худ ба харобиву ғоратҳои зиёд ва хонумонсӯзиҳо мувоҷеҳ омадааст.

Инҷониб ду рӯзи сафари худро ба тамошои Исфаҳон ихтисос додам. Пас аз он ки дар Шероз бо дӯстони тоҷики афғонистониам – Баширу Азиз худоҳофизӣ намудам, дар поёнаи (истгоҳи автобусҳои байнишаҳрӣ) “Шаҳиди Корандеш” ба мақсади Исфаҳон савори автобуси шик ва муҷаҳҳази “Волво” шудам. Вакте ки ба Исфаҳон расидам, офтоб дуруст болои сар қарор дошт ва дамои гармӣ ба сару димоғ мезад. Ҳавои ин шаҳр нисбат ба Шероз гармтар буд.

Дар давоми фаъолияти кориам дар ширкати эронии “Шимбор” чанд нафар ҳамкор доштам, ки аз Исфаҳон буданд, аммо нахостам тайи мусофирати худ музоҳими онҳо шавам. Бо ин андеша таксие гирифтаму ба суроғи меҳмонхона афтидам. Ронандаи таксӣ – оқои Маҳдӣ пас аз пурсуҷӯҳои телефонӣ маро ба ҳутели ал-Ҳаким, ки дар наздикии майдони Нақши Ҷаҳон воқеъ буд, овард. Ӯ то замоне, ки ман дар ҳутел ҷо гирифтаму васоиламро дар утоқам гузоштам, мунтазирам монд ва танҳо пас аз ин хотираш ҷамъ шуду кирояи мошинашро гирифт ва хайрухуш кард. Дар воқеъ, қобили зикр аст, ки дар ҳама ҷо – ҳам дар Теҳрон, ҳам дар Шерозу Исфаҳон ронандаҳои таксӣ хушмуомила, хушзабон ва боинсоф буданд. Онҳо то метавонистанд ба мусофири худ эҳтиром мегузоштанд ва ҳар дархосту хоҳишро бо майли тамом ба сомон мерасонданд. Мошинҳои таксӣ аксаран якранг буданд – бо ранги зард ва аломати шатранҷӣ аз соир мошинҳо фарқ мекарданд.

Пас аз каме истироҳат дар ҳутели ал-Ҳаким ба шаҳр барои қадамзанӣ баромадам. Вақти аср ҳавои Исфаҳон хеле мулоим ва диловез буд. Аввалин фурсатро ғанимат шумурда, мустақиман роҳи Нақши Ҷаҳонро пеш гирифтам, ки то ҳутел чорсад-чорсаду



Print to PDF without this message by purchasing novaPDF (http://www.novapdf.com/)

панҷоҳ метр фосила дошт. Оқои Маҳдӣ ҳам таъкид карда буд, ки вақти аср ҳатман ба тамошои ин майдон бароям. Тибқи гуфтааш ин ҷо хеле гавҷум буд: ҳамроҳ бо сокинони шаҳр гурӯҳ-гурӯҳ туристон дар майдони васею ботаровати Нақши Ҷаҳон гаштугузор мекарданд. Инҷониб он рӯз дар майдон зиёд намондам, каме ҳаво хӯрда мағозаҳои атрофашро сар-сарӣ тамошо кардам ва дубора ба ҳутел баргаштам.

Шабонгаҳ, тавассути телефон суроғи дӯстони исфаҳониамро гирифтам. Ғайри чашмдошт, ҳеҷ кадоме аз ҳамкорони собиқам дар шаҳри худ ташриф надоштанд: Искандарию Машҳадӣ дар Тоҷикистон, Ҳусайнӣ дар Машҳад ва Ромтин ҳам дар Асалия машғули кор будаанд. Вале ҷолиб ин буд, ки аз хонаводаи ҳар яке маро бо илтифоти зиёд ба меҳмонӣ даъват намуданд ва ҳозир буданд дар тамошои Исфаҳон маро ҳамроҳӣ кунанд. Бо он ки аз якоякашон арзи сипос намудам, натавонистам даъвати оқои Каюмарс – падари дӯстам Ромтин Шиниро рад кунам...

Оқои Каюмарс ба солмандии худ нигоҳ накарда, субҳи рӯзи дигар ҳамроҳ бо писараш Ромин ба дунболам омад. Ӯ марде буд мӯсафед, бо мӯйлаби сиёҳ-сафед ва миёнақаду тануманд. Ду рӯзи сафари худро бо ин марди шариф, ки ӯ низ устоди забону адабиёти форсӣ буд ва он дам айёми бознишастагиро мегузаронд, сипарӣ намудам. Оқои Каюмарс, гузашта аз он ки шаҳри Исфаҳонро ба ман тамошо дод, ба ҷону ҳолам намонда, маро дар Шоҳиншаҳр ба хонаи худаш, ба хонаи дӯстам Ромтин ва ба хонаи духтараш Парисо бурд ва нағзакак меҳмондорӣ карданд.

Шояд ҳамкасбии ману оқои Каюмарс буд, ки ду рӯзи буду бош дар Исфаҳон бароям хеле хуш гузашт. Фикр намекунам он лаҳзаҳои масарратбахш аз хотирам фаромӯш шаванд.

## Нақши Ҷаҳон



Шаҳри Исфаҳонро, ба хусус, зебоӣ ва ҳашамати ин шаҳри қадимаро бе Нақши Ҷаҳон тасаввур кардан амри муҳол аст. Ин майдон, ки ҳамхони майдонҳои чавгонбозӣ аст, бо абъоду андозаҳо ва ҳамоҳангии сохтусозаш шигифти мардуми машриқу мағрибро барангехтааст. Нақши Ҷаҳон ҳамчунин бо номи таърихии “Майдони Шоҳ” ва пас аз инқилоби исломии Эрон (1357 ҳ.ш. – 1978 мелодӣ) бо номи расмии “Майдони Имом” маъруф аст. Тавре ки эътироф кардаанд, Нақши Ҷаҳон пас аз Тийон-онмани Пекин дувумин майдони бузурги ҷаҳон мебошад. Аз назари собиқаи таърихӣ, шаклу намо ва густурдагӣ ҳатто майдонҳои маъруфи Порис, майдони Сурхи Маскав, майдони Саламоникаи Испониё, майдони бузурги Брюссел наметавонанд бо ин майдон рақобат кунанд.

Нақши Ҷаҳон аз сӯйи созмони ЮНЕСКО ба унвони мероси фарҳангии башарӣ ба сабт расидааст. Он аз солҳои бунёд шудани худ (авосити 1592 – 1628) то ба ҳол ҳамчун як ҷойгоҳи муҳими баргузории маросимҳои мардумӣ, давлатӣ ва тафриҳот ба шумор меравад. Ҳоло ин майдон аз ҳар сӯйи худ ҷилваҳои гуногуни ҳунарӣ дорад. Дар растаҳои атрофи он ғайр аз моводи бозору фурӯшгоҳҳо беҳтарин маҳсулоти ҳунарҳои дастии ҳунармандон, чун заваролот, мисолот, чӯбкориҳо ба намоишу фурӯш гузошта шудаанд.

Майдон дар асл дорои ду меҳвар аст, ки ҳар як меҳвар бо як бинои мазҳабӣ иртибот дорад. Меҳвари нахустин кохи давлатии Олиқопу мебошад, ки рӯбарӯйи он масҷиди Шайх Лутфуллоҳ ҷойгир шудааст. Меҳвари дуюми майдон, яъне меҳвари тӯлӣ, аз қутби



Print to PDF without this message by purchasing novaPDF (http://www.novapdf.com/)

иқтисодӣ – бозори Қайсария дар шимол ва қутби мазҳабӣ – масҷиди ҷомеи Аббосӣ дар қисмати ҷануб иборат мебошад. Биноҳои мазҳабии ин майдон сохтмонҳои Регистони Самарқандро ба ёд меоваранд, вале ба назар хеле бузургтару баландтаранд. Вақте ки кас дар ин ҷо гаштугузор мекунад, эҳсос менамояд, ки гӯё таровати Регистон ба машом мезанад.

Шоми Нақши Ҷаҳон хеле фараҳбахш аст. Мардуми зиёд барои тафриҳу истироҳат дар он мерезанд. Тамошои ҳаракати фойтунҳо, ки аксаран бачаҳоро давр то даври майдон гардиш медиҳанд, садои якмарому мавзуни таёқи аспон, гирди ҳам нишаста бастаниву (яхмос) ширинӣ хӯрдани иддаҳои рафиқ ва хонаводаҳо, шавқун ва давутози бачаҳо дар фазои сабз ба ҳусну таровати майдон афзунӣ мебахшанд. Гулу гулзор ва фаввораҳои майдон низ хеле ҷолиби диққатанд.

## Масҷиди ҷомеи Аббосӣ



Масҷиди ҷомеи Аббосӣ яке аз ёдгориҳои боҳашаматест, ки аз давраи ҳукмронии Сафавиён дар Эрон барҷой монда, дар нимрӯзи (бахши ҷанубӣ) майдони Нақши Ҷаҳон ҷо гирифтааст. Сардари ин масҷид то баландии бисту ҳафт метр бо кошиҳои ҳафтранг ва муаррақ, ки бештар ранги обӣ доранд, тазйин ёфтааст, дар ҳоле ки манори он то иртифои чилу ду метр фирӯзаиранг аст. Ба сардар кошиҳои катибадор оро медиҳанд, ки дар он навиштаҷот таърихи оғози сохтмони масҷид (1020 ҳ.қ. – 1611 мелодӣ) ва таърихи итмоми сохтмон (1025 ҳ.қ. – 1616 мелодӣ) зикр шудааст. Ғайр аз ин, бар атрофи сардар акси шаш товусро метавон дид, ки онҳо чун намоди зебоӣ ва қудрат бо виқор назаррабоӣ мекунанд.

Дари даромадгоҳ, ки ҷинси он аз ҷӯби маҳками чинор аст, касро ба ду роҳрави болопӯшида ҳидоят мекунад. Аз он ҷо ба ҳавлии масҷид мегузаранд. Гирди ҳавлиро чор айвони баланд бо даҳанаҳои густурда иҳота кардаанд. Ин айвонҳо ва куллан деворҳои масҷид ва сутуну меҳробҳояш он қадар наққошиву кошикорӣ шудаанд, ки ақли кас ба ин қадар тавоноӣ доштани аҳли ҳунарманд бовар намекунад. Ҷолиб ин аст, ки он чор айвон дар як залъи (тараф) ҳавлӣ қарор гирифта, дар чор ҷиҳати ҷуғрофиёӣ бино гардидаанд ва фазое аз чор фасли солро ба масҷид халқ мекунанд. Айвонҳо бо гунбадҳои баланд ва сутунҳои сангии худ худнамоӣ доранд. Қобили таваҷҷӯҳ аст, ки гунбадхона хеле баланд акси садо медиҳад. Дар сурате ки, агар садо дуртар аз марказ баланд шавад, бозтоби он ҳафдаҳ маротиба ва агар дар марказ баланд шавад, бозтоби садо ҳафт бор камтар такрор мешавад.

Масҷид дорои ду мадрасаи илмӣ – Носирия ва Сулаймония аст. Дар мадрасаи Сулаймония санги содае ба шакли мусалласи қоимуззовия (секунҷаи росткунҷа) ба чашм мехӯрад. Он дар нуқтае таъбия шудааст, ки мегӯянд, зуҳри ҳақиқии Исфаҳонро дар чор фасли сол нишон медиҳад.

Масҷиди ҷомеи Аббосӣ аз намунаҳои бузурги меъморӣ ва тазйинотии асри ҳафдаҳ – давраи Сафавиён аст. Ба он ҳамчунин меҳробҳои зиёд ва сангобҳои нафис зебоӣ мебахшанд. Ин масҷид дар гузашта бо номҳои “Масҷиди Маҳдӣ”, “Масҷиди Ҷомеъ”, “Масҷиди Султонӣ”, “Масҷиди Шоҳӣ”, “Ҷомеи кабири султонӣ” маъруф буда, ҳоло “Масҷиди Имом” номида мешавад.



Print to PDF without this message by purchasing novaPDF (http://www.novapdf.com/)

## Масҷиди Шайх Лутфуллоҳ



Масҷиди Шайх Лутфуллоҳ низ аз меъмориҳои барҷастаи замони Сафавия аст, ки бо фармони Шоҳ Аббоси аввал ва ба хотири бузургдошти олими бузурги ташаййуъ – Шайх Лутфуллоҳ бино шудааст. Ин бино гунбади аҷибе дорад, тавре ки аз хориҷ намои пурнақшунигори он ҳангоми сапедадам бо ранги суратӣ, ҳангоми нисфирӯз бо ранги хокистарӣ ва дар ғуруби хуршед бо ранги оҷурӣ ҷилва мекунад. Яке аз вижагиҳои масҷиди мазкур он аст, ки бар хилофи масҷидҳои дигар он ҳавлию айвон надорад ва аз доштани манора низ маҳрум аст. Дар кошикории болои сардари масҷид навиштае ҳаст, ки дар он соли эҳдоси бино низ зикр шудааст (1012 ҳ.қ. – 1603 мелодӣ). Дар фарози он, болотар аз тирезаи шабакадор ҷумлаи *“Мояи мӯҳташамӣ – хидмати авлоди Алӣ”* ба дида мехӯрад, ки ишора ба авҷгирии мавҷи ташаййуъ дар давраи Сафавия аст.

Гунбади масҷид аз дохил дар назари аввал ба сони товуси паркушода ҷилва мекунад, зеро нақшҳову хутути сатҳи гунбад шабоҳати бисёре ба нақшҳои рӯйи думи товус доранд. Аз сӯйи дигар, тарҳи худи гунбад ба сони хуршеди тобон аст ва нақшҳои доиравию лузишакл (ромбшакл) бо сайри саъудӣ хурдтар ва хурдтар мешаванд ва охир дар маркази гунбаз чун ҷузъе аз кул ё нуқтаи хурде аз маҷмӯаи бузург мегарданд. Дар боло, давр то даври гунбадхона, дар ноҳияе, ки гӯё гунбад аз девор “ҷудо” мешавад, шонздаҳ тирезаи шабакадор бо сохтори гаҷбуришуда ба назар мерасанд. Бар рӯйи ҳар кадом тазйиноти кошикорӣ дида мешавад ва нури хеле мулоимеро ба дохили гунбадхона ҳидоят мекунанд. Баландии гунбади масҷид 32 метр аст.

Аз навиштаҷот пайдост, ки катибакошиҳои ин масҷид аз тарафи хушнависи маъруфи давраи Сафавиён – Али Ризо Аббосӣ ва меъмории сохтмон аз тарафи Муҳаммад Ризо Исфаҳонӣ иҷро шудааст. Бисёр ҷаҳонгардон аз меъморӣ ва тарҳи намои масҷиди мазкур ба шигифт омада гуфтаанд, ки “ба сахтӣ метавон онро маҳсули дасти башар донист”. Ин масҷид аз назари созумонаш чун саромади биноҳои давраи Сафавия шинохта шудааст. Чунончи, меҳроби он бо кошиҳои муаррақ аз нафистарин меҳробҳои замони худ маҳсуб мешуд. Дар ду ҷониби он созандааш худро чунин муаррифӣ мекунад: *“Амали фақири ҳақир, мӯҳтоҷ ба раҳмати Худо – Муҳаммадризо бинни устод Ҳусайнбанно Исфаҳонӣ, 1028 ҳ.қ. (1629)”.*

## Кохи Олиқопу

Кохи Олиқопу дар самти бохтарии Нақши Ҷаҳон қарор гирифтааст ва баландиаш аз сатҳи майдон ба 34 метр мерасад. Номи он аз забони туркӣ ба маънии “дари олӣ” аст, ки ба нақле, дари вурудии кохро аз Наҷафи Ашраф – оромгоҳи имом Алӣ овардаанд. Деворҳои дохилии ин бино наққошиҳои зарифу беҳамтое доштааст, ки ҳанӯз ҳам аксарияти онҳо бо ҳамон зарофати худ боқӣ мондаанд. Дар ҳар табақаи бинои шашошёна як хонаи марказӣ будааст, ки бо мақсади пазироӣ аз меҳмонони олиқадр, сафирон ва ё гузарондани зиёфатҳову базмҳо истифода мешудааст.



Print to PDF without this message by purchasing novaPDF (http://www.novapdf.com/)



Толори сутундори кох, ки аз диди чилав гӯё табақаи дуюм аст, барои шоҳ ва гумоштаҳои ӯ ҷойи муносибе буд, ки ҳар гуна ҷашни баргузоршуда дар майдони Нақши Ҷаҳонро тамошо кунанд. Барои расидан ба толори сутундор лозим мешавад чор ошёнаи биноро ба воситаи зинапояҳо тай намуд. Дар замони Сафавия ин толор ягона ҷойгоҳе будааст, ки ғайр аз ҷашнҳо ҳар гуна бозии миллӣ (мисли чавгонбозӣ) ва сафоройии сарбозонро аз он ҷо тамошо кунанд. Ин толор ҳаждаҳ сутуни чӯбӣ аз ҷинси чинор дорад. Ғайр аз толори сутундор толорҳои Тахт ва Мусиқӣ дар кох мавҷуданд, ки дар онҳо волотарин ҳунарҳои наққошӣ ва гаҷбурии асри ҳафдаҳ мунъакис шудааст. Ба хусус, истифодабарии муқарнасҳои (тоқ ва деворҳои кандакоришуда) дохилхолӣ дар толори Мусиқӣ хеле моҳирона насб шудаанд, ки барои эҷоди фазои муносиби акустикӣ хизмат мекардаанд ва ин хосияти садодиҳии физикӣ дар тамоми сохтмон риоят шудааст. Имрӯз ҳам, агар ду кас дар ду гӯшаи мутақобили толори ҳамкаф рӯ ба девор қарор гирифта, ҳатто бо овози паст бо ҳам сӯҳбат кунанд, мисли ин ки аз баландгӯ якдигарро равшан мешунаванд.

Дар замони салтанати Шоҳаббос дар боғи қасри Олиқопу маконе будааст бо номи "Бастхона", ки дар он ҷо қарздорон, маҳкумон ва муҷримон метавонистанд бо ҳазинаи худ то замони дилхоҳ бимонанд ва аз ҷазодиҳӣ озод шаванд.

## Пулҳои таърихии Исфаҳон



Вақте ки сухан дар бораи пулҳои (кӯпрукҳо) Исфаҳон меравад, билофосила дарёи Зояндарӯди ин диёр дар пеши назар ҷилвагар мешавад. Зояндарӯд дар маркази фалоти Эрон ҷорист ва аз баландиҳои Зардкӯҳи Бахтиёрӣ, аз риштакӯҳи Кӯҳранг сарчашма мегирад. Тавре ки ҳамсафарам оқои Каюмарс эзоҳ дод, ин рӯдхона (дарёи Зояндарӯд) ба таври морпеч бештар аз чорсад километрро тай намуда, дар ниҳоят "хастаю ранҷур" боқимонда оби худро дар толоби (кӯл) Говхунӣ мерезад, дар сурате ки ин фосила дар хатти мустақим дусаду ҳафтод километр аст. Зояндарӯд сараввал аз чашмаҳои зиёд обашро бештар мекунад ва рафта-рафта аз садду бандҳое, ки сари роҳаш сохтаанд, нерумандтар мешавад ва аз ин сабаб номашро "зоянда-рӯд" номидаанд.

Метавон гуфт, Зояндарӯд шаҳри Исфаҳонро ба ду бахш тақсим мекунад ва маҳз мавҷудияти ин рӯдхона накҳату тароватӣ ҳамешагии шаҳрро таъмин намудааст. Ҳар як сокини шаҳр бо ин неъмати худодод меболаду барои зояндаву пок мондани он саҳм мегузорад. Исфаҳониҳо дар тӯли таърих чандин пули кучаку бузургро дар роҳи дарё эҳдос кардаанд.

Яке аз кӯпрукҳои маъруф **"Сиюсепул" (ё пули Оллоҳвардихон")** аст. Он аз ёдгориҳои замони Шоҳаббоси нахуст буда, аз ҳисоби яке аз сардорони номии ӯ – Оллоҳвардихон ва бо тарҳи меъмори тавонои он замон – Ҳусайнбанноӣ Исфаҳонӣ сохта



Print to PDF without this message by purchasing novaPDF (http://www.novapdf.com/)

шудааст. Кӯпрук бо дарозии 295 метр ва паҳнои бештар аз чордаҳу ним метр Чаҳорбоғи Аббосиро ба Чаҳорбоғи Боло пайваст мекунад. Ин кӯпрук дар аршаи болоии худ аз ду ҷониб ду роҳрави болопӯшида дорад. Деворҳои роҳравҳо ба шакли тоқнамо иҷро шудаанд. Дар қисмати поёнӣ низ аз ду ҷониб бисту панҷ утоқак мавҷуд аст, ки аз онҳо ба унвони чойхонаҳои суннатӣ ва барои гузарондани тафриҳу истироҳат истифода мебаранд.

Дар давраи Сафавия маросими "Обрезон" ё "Обпошон" дар канори ин пул сурат мегирифтааст. Худи шоҳи сафавӣ низ ба тамошои ин ҷашн меомадааст. Чун маҳаллаи Ҷулфо (арманинишин) дар наздикии ин пул мебошад, арманиҳо ҳам маросими "Хоҷ-шӯён"-ро дар он ҷо баргузор мекардаанд ва аз ин рӯ, онро "Пули Ҷулфо" низ номидаанд.

Тавре ки мутаваҷҷеҳ шудем, кӯпрук дар асл сию се даҳана дорад ("Сиюсепул" хондани он аз инҷост), вале ҳоло ду-се даҳанаи канории он фаъол нест. Тамоми банду бастҳои сохтори кӯпрук аз санг иҷро шудааст. Қаблан аз роҳрави асосии он мошинҳо ҳам мегузаштаанд, вале ба хотири тӯлонӣ кардани умраш рафтуомади васоили нақлиёт дигар мамнӯъ аст. Одамҳо аз ин кӯпрук барои истироҳат ва "ором" кардани аъсоби худ васеъ истифода мекунанд.

Пули **"Хоҷу"** яке дигар аз кӯпрукҳои маъруфи Исфаҳон буда, дар соли 1650 бо фармони Шоҳаббоси дувум сохта шудааст. Ин ягона пулест, ки қавсҳои он бо кошиҳои ҳафтранг оро ёфтаанд. Мегӯянд, он замонҳо дар маҳаллаҳои атрофи пули мазкур хонаводаҳои бузургон ва хоҷагон мезистаанд. Исми пул низ аз вожаи "хоҷа" гирифта шудааст.

Пули "Хоҷу" дорои аршаҳои болоӣ ва поёнӣ аст. Аршаи болоӣ барои гузаштани корвонҳо махсус буда, аз ду ҷиҳати он роҳравҳои болопӯшида барои раҳгузарон тарроҳӣ шудааст. Дар аршаи поёнӣ бошад, барои рафтуомади раҳгузарон ва тафриҳу истироҳати онҳо шароити мусоид фароҳам аст.

Дарозии пули "Хоҷу" 137 метр ва паҳнои он 12 метр буда, дорои бисту як даҳана мебошад. Дар аршаи поёнии пул утоқакҳои махсусе ҳаст, ки даричаҳои чӯбӣ доранд. Аз ин даричаҳо суръат ва умқи обро муайян мекардаанд. Дар мобайни пул аз тарафи дигар кӯле ҳосил мешудааст, ки барои қаиқронӣ хеле мусоид будааст.

Дигар пулҳои нисбатан калоне, ки дар рӯдхонаи Зояндарӯд дар замонҳои мухталиф сохта шудаанд, бо номҳои "Замонхон", "Калла", "Бобомаҳмуд", "Фаловарҷон", "Морнон", "Чӯбӣ", "Шаҳристон", "Варзана" ёд мешаванд, ки тайи сафари худ ба дидани онҳо аз сабаби камии вақт муяссар нагардидем.

## Кохи Чиҳилсутун (Чилсутун)



Даромадгоҳи кохи "Чиҳилсутун" аз тарафи хиёбони Устондорӣ аст. Тамошобин саравввал ба боғи ин кох раҳсипор мешавад. "Чиҳилсутун" яке аз се қасри боқимонда аз давраи Сафавия буда, се толор бо номҳои Сутундор, Оина ва Тахт дорад. Дар ҷониби ховарии кох ҳавзи калоне сохта шудааст, ки дарозии он яксаду даҳ метр буда, фазои коху боғро дилнишину ботаровват месозад. Дар чор гӯшаи ҳавз чор пояи сутун барҷаста ба чашм мехӯранд, ки дорои нигораҳои мавзуне аз фаришта (намоди нигаҳбонӣ) ва шер (намоди кудрат ва шукӯҳ) мебошанд ва бозмондаҳое аз кохи болопӯшидаи замони Сафавия аст.

Кохи имрӯзаи Чиҳилсутун дорои бист сутуни баланд мебошад, ки ҳар яке ба дарозии сенздаҳметрӣ аз танаи якпорчаи чинор сохта шудааст. Бо ишора ба онҳо бар рӯйи



Print to PDF without this message by purchasing novaPDF (http://www.novapdf.com/)

лавҳи даромадгоҳи иморат навиштаанд: “Азбаски акси бист сутун дар оби ҳавзи пеши кох низ равшан маълум аст, кохро “чилсутун” номидаанд”.

Ба ин нигоҳ накарда, бар асоси оину боварҳои дигар ҳам кохро “чиҳилсутун” меноманд, чунончи: дар нақлҳо замони подшоҳии Довуд-набӣ ва Сулаймон-набӣ чил сол омадааст; Худованд Мусоро дар чилсолагӣ фаро мехонад; Исои Масеҳ ба васвасае, ки ба муддати чил рӯз буд, тоб овард ва пирӯз шуд; паймон бо Нӯҳ чил рӯз пас аз тӯфон ба амал омад; Буддо ва ҳазрати Муҳаммад дар чилсолагӣ ба паёмбарӣ баргузида шудаанд... Ё аз ҷумлаи бузургон Жан Жак Руссо дар бораи адади чил овардааст: “Чил адади камол аст. Ба ақидаи ман, синни чилсолагӣ низ синни муносибе барои доштани ҳама сифатҳоест, ки як давлатмард бояд дошта бошад...”.

Толори Сутундор сақфи чӯбӣ дорад, ки ба шакли дупӯш иҷро шудааст ва дар қисмати болоӣ давр то даври он панҷоҳ даричаи шабакадор барои таҳвия насб шудаанд. Дар ин толор ҳаждаҳ сутун барқарор буда, ду сутуни дигар ба канори толори Оина мехӯрад. Ин толор бо толори Сутундор бо доштани чӯбкорӣ, оинакорӣ ва гаҷкориҳои зебо ҳамхонӣ мекунад. Пас аз толори Оина толори Тахт қарор дорад, ки фазои нисбатан калонро фаро мегирад. Ин хона бо наққошиҳои рӯйи девор фарқ мекунад. Наққошиҳо куллан аз шаш парда иборат буда, чортоаш аз замони Сафавия ва дутоаш аз замони Қоҷория мебошад. Дар пардаҳои наққошишуда, аз ҷумла, пайкори Исмоили Сафавӣ бо лашкари ӯзбакҳо ва пирӯзии ӯ (соли 1510), саҳнаи қаҳрамониҳои эрониён дар набарди Чолдарон алайҳи лашкари усмонӣ (соли 1514), пазиройии Ҳумоюн – шоҳи барканоршудаи Ҳиндустон аз тарафи Шоҳтаҳмоспи аввал (соли 1544), саҳнаи пазиройии Валӣ Муҳаммадхон – фармонравои Туркистон аз тарафи Шоҳаббоси аввал (соли 1611), ҷанги Нодиршоҳи Афшор бо Муҳаммад Гурконӣ (соли 1738) тасвир шудаанд. Бояд гуфт, ки наққошиҳои замони Сафавия бо тасвири лаҳзаҳои ноби мусиқӣ, размҳои далерона, салобати фармонравоён хеле ҷолибтару дилкаштар нисбат ба наққошиҳои замони Қоҷория аст.

Кохи “Чиҳилсутун” дар соли 1647 аз тарафи Шоҳаббоси дувум асосан барои пазиройӣ аз меҳмонон, сафирон ва давлатдорони кишварҳои бегона бунёд шудааст. Ин қаср яке аз ёдгориҳои беназири таърихии Исфаҳон ба шумор меравад.

## Манори Ҷунбон



Маълум аст, ки дар ҳама ҷо манораҳо чун бурҷҳои дидбонӣ хизмат кардаанд ё шабҳо барои корвониён вазифаи фонусеро адо намуда, онҳоро ба шаҳр раҳнамун сохтаанд, ё дар фарози иморатҳо шукӯҳе бештар ба ҳашамати онҳо бахшидаанд. Лозим ба ёдоварист, ки аз манора барои фурӯзон кардани оташи ҷовидони Зардушт баҳра бурдаанд ва дар даврони исломӣ бошад, аз онҳо барои фарохонии умумии мардум ҷиҳати адои фарзияи намоз истифода мебаранд. Мо тайи сафари худ ба ҳақиқате воқиф шудем, ки дар Исфаҳон ин қабил обидаҳои таърихӣ хеле фаровонанд, аммо ҷойи таассуф буд, ки наметавонистем аз тамоми онҳо дидан кунем. Асомии машҳуртарин манораҳои ин шаҳр ба шарҳи зер аст: “Чиҳилдухтарон”, “Сорбон”, “Масҷиди Алӣ”, “Раҳравон”, “Доруззиёфа”, “Салҷуқӣ”.

Дар ин радиф “Манори Ҷунбон”, ки қаблан дар хусуси асрори шигифтангези он борҳо шунидаем, диққати моро бештар ба худ ҷалб намуд. Ману оқои Каюмарс ҳамроҳ бо



Print to PDF without this message by purchasing novaPDF (http://www.novapdf.com/)

хонуму арӯсашон баъд аз тамошои пулҳои таърихӣ ба ин ҷо омадем. Маълум шуд, ки барои тамошои “Манори Ҷунбон” ва боғи он ҳар соат як бор ба мардуми ҷамъомада рухсат медодаанд. Вуруди мо ба соати даваздаҳи зухр бархӯрд.

Дар ин ҷо дарёфтем, ки оромгоҳи шайх Абдулло Горлодонӣ, ки дар ҷодаи Наҷафободи Исфаҳон воқеъ аст, бо исми “Манори Ҷунбон” шӯҳрат доштааст. Катибаи санги қабри он соли 716 ҳиҷриро (соли 1316 мелодӣ) нишон медиҳад, ки соли сохта шудани сохтмон аст, лекин манораҳои бино дар ибтидои асри даваздаҳи ҳиҷрӣ (поёни давраи Сафавия) афзуда шудаанд. Тайи боздид масъули оромгоҳ пас аз фаро хондани ҷамъият аз гӯшаву канори боғ ба назди бинои аслӣ тафсилотеро эълон намуд: “Шӯҳрати бино ба далели навасоне (ҷунбиш, ларзиш) аст, ки ҳангоми такон додани яке аз манораҳо дар созаи бино эҷод мешавад. Дар воқеъ, бо такон додани манора худи он ба навасон дармеояд ва ҳамзамон бо он манораи дигар ва дар натиҷа, кулли сохтмон ба навасон меафтад. Яке аз далоили ин навасонро метавон дар созаи манора ҷустуҷӯ кард, яъне манораҳоро ба гунае сохтаанд, то муқовимати лозимро дар баробари боргузории ҷунбишӣ, ки аз такон додан ҳосил мешавад, дошта бошанд. Вуҷуди ду дарз, ки байни соқаи ҳар манора ва пушти бом қарор доранд ва дар ҳар чиҳат баробари се сантиметр аст, боис мегарданд, то ҳар манора битавонад ба осонӣ навасон карда, зарбаи худро ба кулли созаи оромгоҳ ворид намояд. Калофҳои чӯбие, ки ба шакли қобҳои мураббаӣ дар боло ва поини соқаи манора қарор доранд, метавонанд нақши як такягоҳи инъитофпазирро дар баданаи манора ифо намоянд”.

Бе шубҳа, “Манори Ҷунбон” яке аз созаҳои шигифтангези Исфаҳон аст, вале ба гуфтаи оқои Каюмарс, он ягона нест. Ҳамтои он манораҳои сардари масҷиди Аштарҷон (дар сию панҷ километрии бохтари Исфаҳон) низ будаанд, ки навасон ҳосил мекардаанд.

## Калисои Вонк



Дар Исфаҳон шаҳраки Ҷулфо дар канораҳои ҷанубу ғарбии дарёи Зояндарӯд ҷо гирифтааст. Ин шаҳракро дар асл арманиён бино кардаанд, ки дар замони ҳукмронии Шоҳаббоси аввали Сафавӣ кӯчида омадаанд. Арманиҳо ҳамагӣ бисту панҷ ибодатгоҳ ва калисо сохтаанд, ки аз онҳо сенздаҳтоаш имрӯз чун маконҳои дидании Исфаҳон боқӣ мондаанд. Дар байни онҳо калисои Бадхаҳм (Байтуллаҳм), ки дар соли 1628 бино шудааст ва калисои Вонк (аз соли 1655) аз ҳама машҳуртаранд.

Дар шаҳраки Ҷулфо ба мо зиёрати калисои Вонк муяссар гардид. Ин калисо дар хиёбони Назари шарқӣ, дар кӯчаи Калисо воқеъ аст ва ба унвони калисои ҷомеъ ёд мешавад. Бинои нахустини он ибодатгоҳаш аст, ки бар сатҳи деворҳои дохилиаш тасовири мухталиф наққошӣ шудаанд. Наққошиҳо лаҳзаҳоеро аз достонҳои Таврот ва Инҷил фаро мегиранд. Дар ин тасвирҳо ҳунари наққошии Итолиё ва Ҳӯланд ба хубӣ падидор аст. Ғайр аз наққошиҳои мазкур метавон расмҳои гулу бутта ва кошикориҳои зебоеро мушоҳида кард, ки ба ҳусни тазйиноти деворҳо афзудаанд.

Дар шимоли ҳавлии калисо китобхонаи он (бо мӯҳтавои наздик ба даҳ ҳазор ҷилд китоб), бинои ёдбуди шаҳидони арманӣ (куштори ин қавм дар соли 1915 ба дасти давлати Усмонӣ сурат гирифтааст) ва тамошогоҳи (музей) калисо қарор дорад. Ин музей куҳантарин китобҳои чопшуда дар Исфаҳонро аз замонҳои Сафавия ва Қоҷория ва ашёи



Print to PDF without this message by purchasing novaPDF (http://www.novapdf.com/)

дигари боарзишеро ба намоиш гузоштааст. Барои мо дар сафи тӯлоние истода аз тариқи микроскоп дидани як тор мӯйи духтараке, ки рӯйи он шиори муқаддаси арманиҳо бо хати арманӣ навишта шудааст, хеле ҷолиб буд. Он тори мӯ аз они як зани 18-20 сола буда, матни рӯйи онро ба воситаи олати аз тори мӯ ҳам резтар навиштаанд, ки маънии катиба аз забони арманӣ чунин аст: *“Ба ҷиҳати доштани ҳикмат ва адл барои фаҳмидани калимоти фатонат (тезҳушӣ, зиракӣ)”.*

Дар дохили калисо шасту чор санги қабр ҳаст, ки мансуб ба қабрҳои усқуфҳои аъзам, кашишон, роҳибон, консулҳои рус ва англис, сиёсатмадорон ва пизишкон мебошанд.

## Оташкада



Оташкадаи куҳани Исфаҳон дар қисмати ғарбии шаҳр бар фарози теппаи санглоху оҳакие қарор дорад. Аз он ҷо кас ба роҳатӣ метавонад боғҳову киштзорҳои перомуни Исфаҳонро бо як чашмандозӣ тамошо кунад. Тарҳи боқимондаи деворҳои Оташкада гувоҳӣ медиҳад, ки меъмории он аз аҳди бостон аст. Тавре ки дар лавҳи сангии даромадгоҳи он навиштаанд, дар соли 1968 аз тарафи як гурӯҳ бостоншиносон баррасии амиқи ёдгории мазкур ба амал омадааст. Тибқи ин баррасиҳо маълум мешавад, ки деворҳои бино аз ду бастари хиштӣ иборат буда, сохтмони он ҳудудан ба қарни шаши пеш аз милод мансуб аст. Дар асри сеи мелодӣ бошад, дар дохили он оташи ҷовидонро равшан намуда, онро ба “Оташкада” табдил додаанд.

Ҳарчанд имрӯз осори ду табақаи Оташкада ба чашм мехӯрад, созаи он дар асл панҷ табақа будааст. Оташдони он ба шакли гирд аз хишт дуруст шуда, дар болои сохтмони аслӣ қарор дорад. Қутри он панҷ метр аст. Давр то даври Оташкадаро панҷараҳои (ҷотиреза) ҳаштгона фаро гирифтаанд. Аз пояҳои боқимондаи рӯйи деворҳои он тахмин кардан мумкин аст, ки бар фарозаш гунбади калоне низ будааст, ки оташи ҷовидонро дар тӯли садҳо сол нигаҳ доштааст.

Агарчи Оташкада марбут ба оину эътиқоди қадима ва кӯҳнашудаи аҳли Исфаҳон аст, пойи зиёраткунандагон ҳанӯз ҳам аз он ҷо канда нест. Мо дар лаҳзаҳои охири сафари худ, ки дар Исфаҳон будем, ин муқаддасҷоро тавоф намуда, гувоҳи он шудем, ки мардум ба хурдсолӣ ё пирии худ нигоҳ накарда, дар пайроҳаҳои каҷукилеби теппаи Оташкада муттасил равуо доранд. Маълум буд, ки ҳанӯз ҳам дар қалби мӯътақидоне ҳисси муҳаббат ба оини зардуштӣ ва оташпарастӣ хомӯш нашудааст.

## Хотимаи бахши “Исфаҳон”

Он чи дар хусуси шаҳри бостонии Исфаҳон таъриф кардем, ба истилоҳ, “қатрае аз баҳр” буд. Хулосаи нақлҳоямон бар ин маънист, ки имрӯз чашмон дар ин шаҳр хуррамӣ ва сарсабзӣ мебинад, ҳама ҷо ба назар дилрабо ва дилангез менамояд. Агарчи ин сарзамин фарозу нишебҳои таърихиро фаровон дидааст, имрӯз боз ҳам бозтоби нури маънавият ва зебоӣ аз зери гунбадҳои фирӯзаӣ ва манораҳои сар ба фалак кашидааш ба дидаҳо медурахшад.



Print to PDF without this message by purchasing novaPDF (http://www.novapdf.com/)

Шаҳри Исфаҳон бо ҷамъияти бештар аз як миллиону нӯҳсад ҳазорнафараи худ пайваста рушду нумӯъ мекунад. Ба назар мерасад, ки мардуми он аз меҳнат намеҳаросанд, хастагиро ҳис намекунанд. Ба ҳар ҷое, ки дида мехӯрад, созандагӣ, бунёдкорӣ, ободгарӣ эҳсос мешавад. Дар ин шаҳр роҳҳоро васеъ менамоянд, биноҳои нав ба навро бо тарҳу шамоили тоза эҳдос мекунанд, хутути қатор ва метро сохта ва насб мешавад. Офаридани гулзору дарахтзор шуғли дӯстдоштаи исфаҳониҳост. Эътиқод ва эҳтиром гузоштан ба осори таърихӣ ва мазҳабӣ бошад, улгуи муқаддаси онҳост.

Чунончи, дар рӯзгори гузашта марсум будааст, мардуми мутамаддин бар диёри худ намоди нуҷумиеро қоил мешудаанд. Мардуми Исфаҳон низ толеи шаҳри худро бар бурҷи Қавс (нимасп) хондаанд. Ин намоди нуҷумӣ аз фарози биноҳои мӯътабарашон ҳувайдост. Масалан, сурати фалакии бурҷ (нимасп) бар сардари даромадгоҳи бозори шоҳӣ (Қайсария) бо кошии муаррақ нақш шудааст, ки шомили мавҷудии нимаинсон ва нимаҳайвон (бабр) буда, бо чор по ба замин истодааст. Нимаинсон камоне дар даст дорад ва тиреро аз он ба сӯйи думи нимаҳайвон, ки ба шакли аждаҳо (симои аҳриманӣ) аст, равона сохтааст. Ин як нишонаи эътилои рӯҳӣ аст, ки неруҳои аҳриманиро ба ҳадаф гирифтааст.

Аҳли Исфаҳон рӯзи якуми озармоҳро (22 ноябр) ҳамчун рӯзи шаҳри худ – “Рӯзи накудошти Исфаҳон” ҷашн мегиранд. Ин бузургдошт аз соли 2005 (1384 ҳ.ш) оғоз ёфтааст.

Бояд гуфт, ки дар Исфаҳон ғизоҳои суннатии бисёре мавриди истифода аст ва маъруфтарини онҳо кабоб, бирён ва хуриши мост (ҷурғот) мебошад. Дигар анвои ғизои исфаҳониён, мисли боқолии зуррат (хуросгон), оши сумоқ, каллаҷӯш, саргунҷишкӣ, кукуқандӣ, қиймареза, оши ришта, оши мошу қумрӣ, яхнаи турш, мошу зардак, ӯмоҷи сирка ва чуғундар, нахӯду об низ бо алоқаи зиёд омода ва пешкаш мегарданд. Барои раҳовард мешавад аз ин шаҳри бостонӣ бо худ маводи ҳунарҳои дастӣ (намунаҳо аз қолибофӣ, абрешимбофӣ, қаламзанӣ, мунаббаткорӣ, хотамкорӣ, малиладӯзӣ (дӯхту дӯз бо наххои нуқрай ё зар), минётурӣ, сафолгарӣ, минокорӣ, фирӯзакӯбӣ, нуқрасозӣ, кошисозӣ, пулакдӯзӣ), шириниҷот (аз қабили газ, набот, пулакӣ) бурд. Бояд таъкид намуд, ки маъруфтарин раҳоварди Исфаҳон газ аст. Газ як навъи ширинӣ буда, бо гази ангубин ё таранҷубин (шираи ширини ҳосилшаванда аз шутурхор), шакари бодко ва мағзи писта, бодом, фундуқ ё чормағз ва сафедии тухми мурғ ва гулоб сохта мешавад. Дар он ҳеҷ гуна модаи химиявӣ ба кор намеравад.

Албатта, ду рӯз барои тамошои Исфаҳон хеле кам буд. Маҷбур будам дидани дигар маконҳои бостонӣ ва зебои ин кӯҳнадиёрро ба дафъаи баъд (агар Худо насиб кунад) мавқуф гузошта, ба шаҳри Теҳрон баргардам. Маро дар поёнаи шимолии Исфаҳон оқои Каюмарс ҳамроҳ бо аҳли хонаводаашон гусел карданд. Ҷудоӣ аз ин дӯстонам хеле сахт буд.





Print to PDF without this message by purchasing novaPDF (http://www.novapdf.com/)

## ТЕҲРОН ВА КИТОБСАРОЙИ ОН



Пас аз тамошои Исфаҳон сафари якҳафтагӣ бароям “пир” шуд. Рӯзи ҷумъа, вақте ки офтоби Исфаҳон нурҳои худро аз назар пинҳон мекард, бо автобуси байнишаҳрии “Волво” (аз ширкати таовунии “Сайру сафар”) ба мақсади Теҳрон ба роҳ баромадам. Дар поёнаи ҷанубии Теҳрон маро дӯсти деринаам Солори Солорвандӣ, ки тайи ду сол дар шаҳри Нукуси Қароқалпоқистон бо ҳам ҳамкор будем, пешвоз гирифт. Он шаб дар хонаи дӯстам “нону намак” шудам ва дермуддат ба сӯҳбатҳои ширину дилчасп ва меҳмоннавозии дӯстаму хонуми хушзабонаш мушарраф гаштам.

Рӯзи шанбе барои тамошои Теҳрон ва хариду таҳияи савғотӣ як рӯз дар ихтиёрамон буд. Аммо, тамошо куҷо?! Ману Солори дӯстам то сари зуҳр тавонистем фақат китобсаройи бузурги Теҳронро гаштугузор кунем. Тамошои китобфурӯшиҳо бароям лаззати беинтиҳо илқо намуд, агарчи заҳмати пиёдаравӣ ва болову поин омадан дар ошкубҳои (ошёна) китобсарой хеле пурмашаққат буд. Дӯстони эрониам қабл аз сафар маро огоҳ карда гуфта буданд: “Агар китобе ниёз дорӣ, ҳатман ба китобсаройи Теҳрон рав, ки рӯ ба рӯйи Донишгоҳи Теҳрон аст. Он ҷо ҳар қадар дилат бихоҳад, китоб гират меояд!”.

Дар ҳақиқат, китобсаройи Теҳрон беназир буд. Дар хиёбонҳои Инқилоб ва Донишгоҳ ба фосилаи бештар аз ду километр ба ҳам часпида фақат фурӯшгоҳҳои аз якошёна то панҷошёнаи китоб қарор доштанд. Дар дӯкону мағозаҳо ва растаҳои китоб анвою ақсоми китобу маҷаллаҳо ва рӯзномаю расму тақвимҳои мухталиф ба фурӯш гузошта шуда буданд. Дар онҳо кас метавонист аз китобчаҳои оддии кӯдакона сар карда то девони Ҳофизу Мавлоно, рӯйиҳамрафта, китобҳоро дар мавзӯъ ва соҳаҳои гуногун пайдо кунад. Нашриёҳои мухталифи эронӣ, аз қабили “Амири кабир”, “Нигоҳ”, “Нилуфар”, “Чашма”, “Пайки фарҳанг”, “Китобсаройи нек”, “Афросиёб”, “Қақнус”, “Сароиш”, “Нақши ҷаҳон”, “Огаҳ”, “Нил”, “Корвон”, “Паёми меҳроб”, “Хӯша”, “Талош” маҳсулоти ба нашр расондаи худро ҳамроҳ бо таблиғоти густурда барои харидору боздидкунандагон рӯйнамоӣ мекарданд. Қобили таваҷҷӯҳ ин буд, ки тамоми фурӯшгоҳҳо пур аз одам, пур аз харидор буданд. Ин гуна миллати ташна ба илму ба китобро бори аввал медидам.

Дигар, вақте ки пас аз хариди чанд ҷилд китоби шеъру достон бо дӯстам то ба тафриҳгоҳи Дарбанд рафтему наҳор хӯрдем ва саре ба бозори савғотиву ҳадоё задем, офтоб нурҳои тобони худро дар ғуруб пинҳон мекард. Бароям тамошои Теҳрони бузург насиб нагардид. Субҳи барвақти рӯзи якшанбе ин шаҳри азиму шулуғро, ки бештар аз ҳама, бо ҷамъиятиболиғ бар дувоздаҳ миллионнафараи худ ифтихор дорад, паси сар гузошта, ба сӯйи фурудгоҳи байналмилалии “Имом Хумайнӣ” роҳ пеш гирифтам.

## СИТОРА

Он рӯз фурудгоҳи байналмилалии Теҳрон хеле серодам ва пурсару садо буд. Мусофирон бо аҷала борубунаи худро ба масъулини таҳвили бори ҳавопаймо супурда, билофосила ба ҷониби гейтҳои (толорҳои) интизории парвозҳои мавриди назар мешитобиданд. Дар сар то сари толорҳо зуд-зуд танин андохтани садои муассири гӯяндаи эълонҳо ба забонҳои форсӣ ва англисӣ бо давуғечи одамон ҳамхонӣ мекард – аз марҳилаи



Print to PDF without this message by purchasing novaPDF (http://www.novapdf.com/)

омодагӣ, оғози сабти билетҳо ва пайгирии парвозҳо ба мақсадҳои Дубай, Амстердам, Истамбул... пайваста ҳушдорӣ дода мешуд.

Инҷониб низ пас аз сафари кӯтоҳи шашрӯза, бо эҳсоси ин ки гӯё шаҳрҳои Шерозу Исфаҳону Теҳронро дар хоб дида бошам, бо дили нохоҳам вориди гейти бисту чорум шудам. Дар ин толори интизорӣ ба ҷуз се-чор нафар масъули контрол каси дигар ба назар намерасид. Таблои электронии эълонҳо низ ҳанӯз хабаре аз парвози Тошкандро надошт. Маълум буд, ки ман хеле барвақт омадаам. Оғуштаи фикру андешаҳои худӣ ва ғолибан, бо тасаввури ин ки манозири дилкашу дидании Эронзамин аз назар дур намешуду беш аз пеш дар вуҷуду димоғи худ таровату раёҳини муаттар ва баҳоронаи Шерозу Исфаҳон ва азамати Теҳронро эҳсос мекардам, сандалиеро дар як гӯшаи толор ихтиёр намудам.

Фурсате нагузашту духтари хушгиле сар то по сабзпӯшида бо виқор вориди толори интизорӣ шуд. Лаҳзае дуруст дар муқобили ман рост истода, ба ин сӯву он сӯ назар афканд ва чун пай бурд ба парвози Тошканд ҳанӯз вақт ҳаст, паҳлӯи ман ба курсие нишаст ва бо лаҳни хоразмии ӯзбекӣ ба сӯҳбат пардохт:

– Ҳанӯз зуд менамояд, аз мусофирони Тошканд касе ба чашм намехӯрад.

– Соат шашу рубъ, то парвоз қариб як соат вақт дорем, – ба тасдиқи ҳарфҳои ӯ илова намудам ман.

– Аз Теҳрон дур будани аэропорт аст, ки кас ҳамеша хавфи дер мондан дорад. Тамоми шаб хоби одам намебарад.

Одатам ин аст, ки ҳар ҷо равам, ба хусус дар муҳитҳои ҷамъиятӣ, саъй мекунам ба бонувон таваҷҷӯҳе зоҳир накунам, аммо дар фурудгоҳ чеҳраи гарми духтари ноошно ҳавосамро рабуда буд. Ба назар, гӯё як одами худиро медидам. Пай бурдан мушкил набуд, ки дар забонаш лаҳни салисе нуҳуфта аст, ба ӯзбек буданаш шак доштам. Бо мулоимат дунболи гуфтугӯро гирифтам:

– Бо мошини саворӣ аз маркази Теҳрон яксоата роҳ будааст. Аз бисёрии мошин дар ҷодаҳо бошад, одам метарсад. Дар як они воҳид баста шудани роҳҳо ҳеҷ гап не, – гуфтам ман ва каме андешаманд афзудам: – Бубахшед, хоҳар, шумо хоразмӣ менамоед, аммо на ӯзбек, рост мегӯям?

– Дуруст ёфтед, – дар ҳоле ки бо майли тамом ба идомаи сӯҳбат моил буд, ҷавоб дод духтари ноошно, – ман дертар хоразмӣ шудам, вале худам тоҷикам, асламон аз Қубодиён.

Авзоам ба куллӣ ранги дигар гирифт. Он лаҳза фақат барои худаму Парвардигор аён буд, ки берун аз кишвар дидани ҳамзабон чӣ қадар лаззату ҳаловат дорад! Дар мағзи дил тоҷик будани ӯро ҳис карда будам, аммо аз пурсидан истиҳола мекардам. Бо фарти хушҳолӣ ба духтари ноошно бештар алоқаманд шудам ва то савор шудан ба ҳавопаймо сӯҳбати мо дилчаспатар кӯр гирифт...

Маълум шуд, ки Ситора аслан тоҷикистонӣ аст – духтари адабиётшиноси маъруф Раҳими Мусулмониён (Раҳим Мусулмонқулов – профессор ва устоди собиқи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон). Ӯ пас аз хатми Омӯзишгоҳи рассомии ба номи Мирзораҳим Олимови шаҳри Душанбе бо ҳидоят ва пуштибонии падари бузургвор таҳсили худро дар Донишкадаи санъатҳои бадеии ба номи Сурикови Маскав идома медиҳад. Ин духтари заранг, ки дар айни ҳол қайсар ҳам буд, бо боварӣ ба худ озодандешӣ ва мустақилона амал карданро дӯст медошт. Ӯ бо амри сарнавишт ҳанӯз дар солҳои донишҷӯйӣ ёду хуши ҷавони хоразмӣ – Даврони рассомро рабуда будааст. Ин ду ҷавони озодбол ва ҳамкасб бо кумаки якдигар ва бо оташи муҳаббате, ки дар қалбҳояшон шӯъла мезад, ранҷҳои дурӣ аз ватан ва мушкилоти солҳои донишҷӯйиро бо ҳам дидаанд.

Табиӣ буд, ки пас аз хатми донишкада Ситораю Даврон бо истодагарӣ ва рафъи ҳар гуна нофаҳмиҳои хонаводагӣ бо ҳам издивоҷ мекунанд. Онҳо бо ин иқдоми худ тавонистаанд ду гӯшаи дурдасти кишварҳои Тоҷикистону Ӯзбекистонро бо риштаҳои поки муҳаббати инсонӣ ба ҳам пайванд намоянд. То он замон ба гӯшаи хаёли касе намеомад, ки Ситорае аз фарози Қубодиёни кӯҳӣ манзилеро дар поёноби Амударё, дар



Print to PDF without this message by purchasing novaPDF (http://www.novapdf.com/)

дили пахнои Хоразм равшан месозад. Акнун бошад, зиндагии мураффаҳу ба бор омадани меваҳои лазиз ва мутаҳҳари ишқи поки инсонӣ ҳақиқати ҳолро собит намудааст.

Имрӯз майдони марказии Урганч, ки рӯ ба рӯйи ҳокимияти вилояти Хоразм воқеъ аст, бо муҷассамаи ал-Хоразмӣ, бурҷи баланду нуқрафоми соати зангдор, фаввораю дарвозаҳои бози музайян ва гулгаштҳову фазои сабзи худ ба маҳали сайругашти мардум табдил шудааст. Аз бағали рости он ба самти бозорҷой хиёбони Анна Герман имтидод дорад. Маҳз дар ҳамин хиёбон, дар ду сохтмони боҳашамат лавҳаҳои таблиғи ширкати хусусии “Ситора” ба чашми роҳгузарон мехӯранд, ки возеҳу равшан дар хусуси мавҷуд будани либосҳои арӯсӣ, телефонҳо ва нишонии ширкат иттилоъ медиҳанд.

Оре, Ситораи “мо” пас аз хатми Донишкадаи санъатҳои бадеӣ риштаи фаъолияти худро каме тағйир дода, ба дизайнерӣ ва таҳияи либосҳои духтарона ва ғолибан, барои арӯсшавандаҳо, иқдом намудааст. Имрӯз дар ширкати худ чанд нафар духтари чирадастро гирдиҳам оварда, бо ёрдами онҳо таррохӣ, дӯхтудӯз, фурӯш ва ба иҷора додани либосҳоро ҳамроҳ бо дигар зебу зинатҳои духтарона ба роҳ мондааст.

Ситора дар пешаи худ аллакай таҷрибаи кофӣ дорад. Ӯ ҳар як корро бо барномаи дақиқ ва нозукбинона анҷом медиҳад. Порчаҳои заруриро ағлаб аз Украин меоварад ва маводи зебу зинат ва лабиву узораҳо бошад, аксаран моли Эрон ё Туркия аст. Пайваста, бо таваҷҷӯҳ ба диди духтарон ва нав шудани мӯди замон, тарҳу намои либосҳояшро тағйир медиҳад. Ҷойи зикр аст, ки талошу ҷустуҷӯҳои ҳамешагии Ситора урганҷиҳоро ба ваҷд овардааст ва ӯро ба унвони як тан тоҷикдухтари ҳунарманд ва боҳуш эътироф кардаанд.

Аз сӯйи дигар, Ситора ва акаи Даврон оилаи пойдору муттафиқе доранд. Ба фарзандони худ, ки яке аз дигаре хушодобтар аст, ахлоқу расму оин ва забонҳои тоҷикию ӯзбекиро ҳамсанг ёд медиҳанд. Меҳрбону, Фирӯз ва Фирдавс низ бо волидони меҳрубони худ ифтихор доранд.

Вақте ки дар фурудгоҳи Тошканд бо Ситора худоҳофизӣ мекардам, ӯ ба ман ду китоби падараш – устод Раҳими Мусулмониёнро тӯҳфа кард. Хурсандиам ҳадду канор надошт, ба назарам, ин ду китоби тозанашри устод – “Оинаи Қубодиён” ва “Посух ба ҳазораи дувум, вуруд ба ҳазораи севум” бароям беҳтарин армуғоне аз раҳоварди Эрон буд. Бо арзи сипосу ташаккур аз Ситора ва бо ин ки ӯ низ аз ошноиамон хушҳол шуда буд, идомаи сӯҳбатро ба дафъаи баъд боқӣ гузоштем.

## ОИНАИ ҚУБОДИЁН

Дар радифи милали мухталиф халқи мо низ чандин бор дар тӯли мавҷудияти худ ба доми дасисаҳои таърих гирифтор шудааст. Борҳо марзу буми бобоии худро аз даст додаем, тавоноии сиёсӣ ва фарҳангиро аз мо рабудаанд ва нолаву лобаҳои фарзандонамон ба гӯши додхоҳе нарасидааст. Бо вуҷуди ин, миллати пуртаҳаммул аз по наафтида, ба оянда нек умед баст ва дар ҳама давру замон ба хотири нигаҳдории ҳастӣ ва ҳашамати худ талош варзид.

Пас аз фурупошии низоми шӯравӣ чанд муддат халқи тоҷик ба мушкилоти нав рӯ ба рӯ шуд. Ин бор тӯфони парокандагӣ ва худшиканӣ аз ҳар сӯ ҳамла оварда, миллатро ба таҳлукаи шадид афканда буд. Вале ин дафъа низ ниҳоду ҳастии обутобёфта ба печу хамҳои зиёд тоб овард ва то ҷое бо неруи ақлу ҳуши солим решаву аслу ҳувият нигаҳдорӣ шуд. Мутаассифона, ба ин “нигаҳдорӣ” замоне муваффақ шудем, ки аллакай чандин равону мағзҳоямон аз даст рафта буданд – ё ин оламро тарк намуданд ё ин марзу буми бобоиро...

Собиқаи таърих собит намудааст, ки нуфуз кардани ҳар гуна талоши сиёсӣ, ба хусус, ба аҳли илму адабиёт ва фарҳанг оқибатҳои сангин ба бор меоварад. Дар ин ҳангом миллат аз беҳтарину муассиртарин муҳаррикони рушди худ ҷудо мешавад. Минҷумла, воқеаҳои солҳои навади қарни сипаришуда бори дигар ин ҳақиқатро ошкор намуд. Вале, ҳоло ки “тир аз камон ҷастааст”, фақат бо илтиҷо ба Худованд умед мебандем, ки



Print to PDF without this message by purchasing novaPDF (http://www.novapdf.com/)

бузургони мо, ҳаммиллатони хунгарму хушфаҳми мо дубора ба ҳалқаи халқи худ, ба хонаи гарму пурфайзи худ бармегарданд. Пӯшида нест, ки бозгаштану пайвастан ба аҳли худ низ камоли оқилӣ ва бузургмардист!

Доктори улуми адабиётшиносӣ, профессор Раҳими Мусулмониён ҳам  аз зумраи зиёиёнест, ки он ҳама даргирӣ ва сардардиҳои солҳои навадро аз сар гузарондааст. Бо тақозо ва азияти зуҳуроту андудаҳои палид ӯ низ ба доми ҳиҷрату ғурбат гирифтор шудааст. Он замон Раҳими Мусулмониён яке аз равшанфикрони миллат буд, вале фаҳмишу фаросати ӯ ва ҳаммаслаконаш, аз ҷумла, шоири тавоно Бозор Собир, бо сиёсати замонсозҳои ҷадид ҳамхонӣ накард ва онҳо иҷборӣ ҷилои ватан намуданд. Ӯ дар ҳоли ҳозир бо хонаводаи худ дар шаҳри Теҳрон умр ба сар мебарад ва мояи ифтихор аст, ки бузургии худ ва миллати хешро дар кишвари ҳамзабон бо офаридани осори гаронбаҳо собит месозад. Устод бештар аз ҳафтод сол дорад, аммо ҳанӯз ҳам қаламро канор нагузоштааст. Гузашта аз он, ки дувоздаҳ сол дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мудири кафедраи назарияи адабиёт буд ва чандин мақолаю китобҳои илмию адабиро ба чоп расондааст, тайи чордаҳ соли зиндагӣ дар Эрон низ фаъолияти пурсамар дар риштаи адабиёт ва фарҳанг дорад. Дар ин муддат бештар аз ҳафтсад мақола ва бисту панҷ китоби ӯ ба табъ расидаанд. Китобҳои "Забону адабиёти форсӣ дар Фарорӯд"(1997), "Шеър дар сарчашмаҳои назарӣ"(1998), "Пораи Самарқанд"(1999), "Аз Қубодиён то Кирмоншоҳон"(2001), "Чаҳор сухан аз Носири Хисрави Қубодиёнӣ"(2003), "Ситораҳои Помир"(2004), "Порсии дарӣ"(2004), "Тоҷикон дар таърих"(2004), "Посух ба ҳазораи дувум, вуруд ба ҳазораи севум"(2005), "Бадоеъ-ус-саноеъ"(2005) аз ҷумлаи асарҳои мунташиршудаи ӯ дар Теҳрон аст. Ва дар поёни пешгуфтори китоби "Оинаи Қубодиён" худи муаллиф менигорад: "Шаш дафтару китоб ҳам омода аст, ки Худованд лутф кунад, интишор меёбад. Яке аз ин китобҳо "Оинаи Қубодиён" аст, ки ба кӯшиши дӯсти дерин ва самимии банда – оқои Маҳдӣ Каримӣ ба чоп хоҳад расид. Ҳамчунин аз дигар азизоне, ки дар Маркази аснод ва таърихи диплумосӣ заминасози чопи ин китоб шуданд, сипосгузорам...".

Инак, он орзуи устод низ ҷомаи амал пӯшид. Китоби "Оинаи Қубодиён", ки натиҷаи пажӯҳишҳои чандинсолаи муаллиф аст, аз тариқи Маркази чопу интишороти Вазорати умури хориҷии Эрон таррохӣ, литографӣ ва чопу саҳҳофӣ шудааст.

Ҷойи зикр аст, ки "Оинаи Қубодиён" феълан охирин китоби калонҳаҷми (шомили 272 саҳифа) устод Раҳими Мусулмониён мебошад. Ин китоб яке аз беҳтарин ва мукаммалтарин асарҳоест, ки дар бораи минтақаи қадимтаърихи Тоҷикистон – Қубодиён, ҷуғрофиё, баромад ва шуғлу алоқаҳои мардуми кӯҳистонӣ, номҳои таърихӣ ва этимологияи онҳо, маъруфтарин зодагони минтақа дар замонҳои мухталиф, амокини диданӣ ва ёдгориҳои бостонӣ, воқеаҳои завқбахшу дилангези марбут ба маскунин ва маҳалҳо ва дигар мавзӯъҳои ҷолиб нақл мекунад. Азбаски худи муаллиф қубодиёнӣ аст, ҳар як ҳикояти ӯ самимӣ ва табиӣ баромадааст. Нақлҳои ӯ бо забони фасеҳу равон ва содаи тоҷикӣ нигошта шуда, ба роҳатӣ дар ҳушу дили хонанда ҷо мегиранд. Бешак, "Оинаи Қубодиён" на фақат барои дӯстдорони каломи бадеъ, ҳамчунин барои донишандӯзони риштаҳои таъриху забону адабиёт, барои оммаи васеи хонандагон, ба вижа, барои аҳли Қубодиён чун дурдонаи дурахшонест, ки бо мӯҳтавои нурбори худ қалбҳоро равшан месозад. Феълан ин китоб дар панҷсад нусха (бо хати форсӣ) ба чоп расидааст ва умед аст, дар оянда дастандаркорони  тоҷикистонӣ барои бештар дастрас намудани он ба хонандагони тоҷик ҳиммат мегузоранд.

Бояд гуфт, ки Қубодиён дар ҷанубу ғарбии Тоҷикистон ҷой гирифтааст ва аз пойтахт – шаҳри Душанбе 165 километр фосила дорад. Ин минтақа бо шимоли Афғонистон ҳаммарз аст. Қубодиёни кунунӣ беш аз 121 ҳазор нафар ҷамъият дорад ва ба се ноҳия тақсим мешавад: Қубодиён, Шаҳртус ва Носири Хисрав. Номи неки Қубодиён дар бисёр сарчашмаҳои таърихӣ омадааст. Аз ҷумла, Ёқути Ҳамавӣ, Самъонӣ, донишномаҳо роҷеъ ба он хабарҳо додаанд. Китоби Ш. Юсуфов низ бо номи "Очеркҳо дар бораи бекигарӣ ва хонигариҳои Қубодиён дар асри нуздаҳ ва ибтидои асри бист" дар шаҳри Душанбе ба чоп расидааст. Аммо ҳанӯз китобе, ки фарогири ҳама гуфтаҳо бошад,



Print to PDF without this message by purchasing novaPDF (http://www.novapdf.com/)

нигошта нашудааст ва китоби доктор Раҳими Мусулмониён нахустин кӯшишест дар ин роҳ.

"Оинаи Қубодиён" аз се бахш таркиб ёфтааст: "Даромадгоҳи Қубодиён", "Чеҳраҳое дар оинаи Қубодиён" ва "Дарахте аз боғи Қубодиён".

Дар бахши аввал маълумоти муфассал дар хусуси мавқеи ҷуғрофии Қубодиён, таърихи пайдоиш ва рушди он, маҳалҳо ва қалъаву доманаҳои атиқа, чун Чорбоғи боло, Мунҷоқтеппа, Теппашоҳ, Кайқубодшоҳ, Тахти Қубод (Тахти Қувват), Тахти сангин, Пули сангӣ, Айвоҷ, деворҳо ва роҳҳои қадимии Қубодиён, манору гунбадҳои Қубодиён, Кӯҳнамасҷид, деҳаи Йобез, Хишткӯпрук, гузари Боло, Ҷангқалъа, Чашмаи ҷон, зодгоҳи Носири Хисрав дода мешавад.

Дар ин қисмати китоб муаллиф бо истинод ба манбаъҳои таърихӣ, ривоятҳои мардумӣ ва ашъори шоирон нақлҳои ҷолиби диққат мекунад ва пас аз баёни мисолҳои мутааддид ҳақиқатро ошкор месозад. Чунончи, порае аз як ривоят: "...Духтари Кайқубод (ки шоҳи якум аз хонадони Каёниён буд) бемор шуд. Ҳеҷ пизишке натавонист дармон кунад. Ҳакиме пайдо шуд, озмойишҳо анҷом дод ва гуфт: "Дармонаш шамоли чаҳор рӯд аст, роҳи дигаре надорад". Ҷуғрофидонони подшоҳ гуфтанд, ки танҳо дар қаламрави саргаҳи Ому чаҳор рӯдхона – Сурхоб, Панҷ, Вахш ва Ромит (Кофарниҳон) як ҷо гирд меоянд... Кайқубод ин ҷоро худаш писандид. Дар домани риштакӯҳ, ҳамон ҷое, ки аз дасти росташ Ромит мерезад, аз дасти чап Вахш, аз боло Панҷ, аз он тараф Сурхоб меоянд, кохе дуруст кард ва ба духтараш дармон бахшид...".

Ҳамчунин нақлҳои муаллиф дар бораи зодгоҳи ҳаким Носири Хисрав хеле пурмӯҳтаво ва ҷолиб аст. Ӯ мегӯяд, ки ба ақидаи бисёре аз донишмандони таърихи адабиёт зодгоҳи ҳаким ноҳияи Қубодиёни Тоҷикистон, яъне канори рости дарёи Омуст, вале чанде аз пажӯҳишгарони афғонистонӣ чунин мепиндоранд, ки зодгоҳи ӯ канори чапи Ому бошад, яъне Афғонистони кунунӣ. Ғайр аз ин, дар китоби "Туркман шаҳирлари" ҳакимро чун шоири туркман қаламдод кардаанд, ки ба қавли муаллиф ин "гапи беҳуд" аст. Дар ин бахш бо истинод ба сарчашмаҳои таърихӣ ва осори бостонии мавҷуд собит мешавад, ки зодгоҳи ҳаким Носири Хисрав фақат соҳили рости Омударё буда ва мутааллиқ ба Тоҷикистон аст. Дар ҳар сурат, хулосаи муаллиф боз ҳам ҷолибтар баромада: "...Аслан ин баҳс беҳуда аст, чаро ки дар ҳар ду канори Ому аз ҳамон оғоз як миллат – тоҷикон мезистанд ва мезиянд. Чӣ аҳамияте дорад, ки холе дилкаш дар кадом рӯйи хушчеҳрае падид омада бошад?!".

Муаллиф дар бахши дуюми китоб намоёнтарин чеҳраҳои сарзамини Қубодиёнро ба хонанда муаррифӣ мекунад. Ӯ дар бораи зиндагӣ, фаъолият ва маъруфияти бисёре аз фарзандони зодгоҳи худ – аз ҳаким Носири Хисрав, Рафъатии Қубодиёнӣ, Мирзо Саҳбо сар карда, то сарҳанг Раҷабалӣ Халилов, Чорӣ Мирзоев, Зиё Абдулло, Ҳакимҷон Саидов, Норбибӣ Атоева, Сайфиддин Муҳаммадҷонов, Алиқул Девонақулов нақлу ҳикоятҳои ширин кардааст. Рӯйиҳамрафта, дар ин бахш хонанда бо чеҳраи қариб яксаду шаст нафар ошно мешавад.

Бахши сеюми китоби "Оинаи Қубодиён" ба таври куллӣ қиссаҳои муаллифро дар бораи хонавода ва солҳои бачагиву наврасии худаш фаро мегирад. Ба хусус, воқеаю саргузаштҳои ӯ марбут ба ҳаёти падару модар, бародарону хоҳарон ва ҳамсинфонаш хеле дилчаспу аҷоиб баромадаанд. Муаллиф бо нақлҳои дилкаши худ саъй намудааст ҳамаҷониба низому тартиботи оилавӣ, хислату одатҳои азизони худ ва ҳар гуна ахлоқу афкору сабақҳояшонро равшан созад. Ӯ эътироф медорад, ки "нахустин ва охирин мактабхонаи мо мактаби падар буд. Аммо аз ин мактаб фориғуттаҳсил нашудаам. Ҳанӯз ҳам мехонам, агарчи наздик ба чиҳил сол аст, ки аз сояи соҳибмактаб маҳрум шудаам. Ҳанӯз нигоҳҳояш пеши чашмонам барқ мезанад. Ҳанӯз аз он нигоҳҳо маънӣ меҷӯям. Нигоҳҳои падарам даҳҳо маъно дошт: тааҷҷуб, ситоиш, сарзаниш, шубҳа... Ҳанӯз ки ҳанӯз ҳикматҳои падар дар майнаам чарх мезананд, чарх мезананду раҳ менамоянд...".

Ҳамин тавр, қобили таъкид аст, ки китоби "Оинаи Қубодиён" як падидаи тоза ва навигарии муҳиме дар адабиёти тоҷикӣ-форсист. Он бо сабки равону шевои тоҷикӣ,



Print to PDF without this message by purchasing novaPDF (http://www.novapdf.com/)

бидуни муғлақбаёниҳои изофӣ ва моломоли ибороту мақолҳо ва нақлҳои мардумӣ офарида шудааст.

***Поён***



***Акси манзаравӣ аз кӯҳистони Қубодиён.***



Print to PDF without this message by purchasing novaPDF (http://www.novapdf.com/)

## МУНДАРИЧА


Сарсухан ........................................................................................ 2

**ШЕРОЗ** *(маълумоти умумӣ дар бораи шаҳри Шероз)* .................................... 3
Дарвозаи Қуръон ........................................................................................ 5
Арки Каримхон ........................................................................................ 5
Оромгоҳи Саъдӣ (Саъдия) ........................................................................ 6
Оромгоҳи Ҳофиз (Ҳофизия) ........................................................................ 7
Боғи Дилкушо ........................................................................................ 9
Боғи Ирам ........................................................................................ 9
Оромгоҳи Шоҳчароғ ........................................................................ 11
Остона ........................................................................................ 11
Тахти Ҷамшед ........................................................................................ 12
Ба ҷойи охирсухан *(дар хусуси Шероз)* ................................................ 13

**ИСФАҲОН** *(маълумоти умумӣ дар бораи шаҳри Исфаҳон)* .......................... 15
Нақши Ҷаҳон ........................................................................................ 17
Масҷиди ҷомеи Аббосӣ ........................................................................ 18
Масҷиди Шайх Лутфуллоҳ ........................................................................ 19
Кохи Олиқопу ........................................................................................ 19
Пулҳои таърихии Исфаҳон ........................................................................ 20
Кохи Чиҳилсутун ........................................................................................ 21
Манори Ҷунбон ........................................................................................ 22
Калисои Вонк ........................................................................................ 23
Оташкада ........................................................................................ 24
Хотимаи сӯҳбати “Исфаҳон” ........................................................................ 24

**Теҳрон ва китобсаройи он** ........................................................................ 26

**Ситора** ........................................................................................ 26

**“Оинаи Қубодиён”** ........................................................................................ 28




Print to PDF without this message by purchasing novaPDF (http://www.novapdf.com/)